*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 118 - 119 (4701 - 4702) | ДУШАНБЕ, 2 ОКТЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҶУМҲУРИИ ФЕДЕРАТИВИИ ОЛМОН

**(Идома аз шумораи гузашта)**

**29-уми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Берлин дар Вохӯрии якуми сарони давлатҳои «Осиёи Марказӣ ва Олмон» иштирок ва суханронӣ карданд.**

Дар вохӯрӣ сарони давлатҳо самтҳои минбаъдаи ҳамкориҳои судмандро мавриди муҳокима қарор доданд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори итминон намуданд, ки натиҷаҳои мулоқоти имрӯза ба таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо мусоидат хоҳанд кард.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки Тоҷикистон ва кишварҳои минтақа барои амиқтар кардани ҳамкориҳои минтақавӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла обу энергетика, саноат, нақлиёту коммуникатсия ва ғайра саъю кӯшиши муштарак доранд.

- Мо манфиатдорем, ки ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо Олмон ва кишварҳои минтақа, бо назардошти иқтидори ҷонибҳо, афзоиш ёбад, - иброз доштанд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Пешвои миллат дар ин зимн рушди ҳамкорӣ дар соҳаи «иқтисоди сабз», рақамикунонӣ ва инноватсияро амри муҳим шумориданд.

Зимни суханронӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба иқтидори захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон, барои истеҳсоли «неруи сабз», ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар самти ҳалли масоили глобалӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим ва таъсири он, обшавии пиряхҳо ва дигар мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ андешаронӣ карда, дар ин самт густариши ҳамкориро бо шарикон, аз ҷумла бо Олмон муҳим арзёбӣ намуданд. Равона кардани талошҳо дар минтақа ба бунёди занҷирҳои истеҳсолӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ ва васеъ намудани номгӯйи молҳои пешниҳодшаванда муҳим шуморида шуд.

Таъкид гардид, ки соҳаи кишоварзии Тоҷикистон ҳамчун заминаи таъмини амнияти озуқаворӣ аз самти афзалиятноки ҷалби сармоя ба ҳисоб рафта, аз сарватҳои гуногуни маъданӣ бой аст. Бинобар ин, Тоҷикистон барои рушди ҳамкориҳо бо шарикон дар соҳаи коркарди маъданҳои кӯҳӣ манфиатдор буда, ба афзоиши содироти маҳсулоти саноатӣ ва дигар навъҳои маҳсулот ба бозорҳои ҷаҳонӣ ҳавасманд аст.

Дар ин робита Сарвари давлат сода кардани дастрасӣ ба бозори Аврупо ва ташаккули муштараки долонҳои самарабахши нақлиётию логистикиро амри муҳим маънидод карданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз татбиқи ташаббусҳо барои пешбурди алоқаи нақлиётӣ ва энергетикӣ байни Осиёи Марказӣ ва дигар минтақаҳо, инчунин, рақамикунонии тиҷорат истиқбол намуданд.

Зимни баррасии масъалаи ҳамкории амниятӣ қазияи Афғонистон қайд гардида, таъкид карда шуд, ки мо тарафдори ҳар чӣ зудтар пойдор гардидани сулҳу амният ва субот дар ин кишвари ҳамсоя ҳастем.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ таваҷҷуҳи сарони давлатҳоро ба масъалаи рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои фарҳангию гуманитарӣ, маориф ва тайёр кардани кадрҳо барои соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ҷалб карданд. Дар анҷоми вохӯрӣ Эъломияи муштараки сарони давлатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон қабул гардид.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

**Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**



## БАРРАСИИ 18 МАСЪАЛА ДАР ҶАЛАСАИ ЯКУМИ ИҶЛОСИЯИ ПАНҶУМИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Дуюми октябри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи якуми Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 57 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-уми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи якуми Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям. *(Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад).*

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Мирзо, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Гулнора Кенҷа, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Саъдӣ Сангинмурод, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло, муовини якуми вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Назариён Обид Одил, муовини якуми раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Камолзода Фарҳод Воҳид, муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулмуродзода Карим Гулмурод, муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Аламшозода Абдураҳмон Аламшо, муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Насриддинзода Рухшона, муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои сиёсӣ - тарбиявӣ Назарзода Тӯрабек, муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳмадзода Музаффар Раҷаб, муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Меликзод Назрулло, муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рафизода Мирзоамон Ҳамдам ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Тибқи талаботи банди 134 - уми Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки Котиботи ҷаласаи якуми Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро интихоб намоем.

Пешниҳод аст, ки котибот иборат аз се нафар ва дар ҳайати зерин ташкил карда шавад:

*раиси котибот:*

вакил аз ҳавзаи интихоботии Рӯдакӣ, № 9 Шерализода Муҳамадулло Умар.

*аъзои котибот:*

вакил аз ҳавзаи интихоботии Вахш, № 32 Абдусаломзода Мунаввар Алиакбар;

вакил аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ Усмонзода Мансур Салом.

Доир ба ҳайати пешниҳодгардида таклифи дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳишмандам мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи қарор дар хусуси ҳайати котибот ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам!**

Тибқи талаботи банди 134-уми Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мо зарур аст, ки Комиссияи баҳисобгирии овозҳои вакилонро низ интихоб намоем.

Пешниҳод мегардад, ки ҳайати комиссияи мазкур иборат аз се нафар интихоб карда шаванд:

Ба ҳайси раиси комиссия номзадии вакил аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ Матробиён Саодатшо Қосимзода.

**(Давомаш дар саҳ. 2 - 6)**

## ТОҶИКИСТОН БО НИҲОДҲОИ МОЛИЯВИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ҲАМКОРИИ МУВАФФАҚОНА ДОРАД

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми иқтисодии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон**

**Олмон, 29-уми сентябри соли 2023**

**Ҳамтоёни муҳтарам,**
**Муҳтарам хонум Катрина Клаас,**
**Муҳтарам иштирокчиёни форум!**

Пеш аз ҳама мехоҳам ба Кумитаи шарқии иқтисоди Олмон барои фароҳам овардани шароити мусоид барои баргузории форуми имрӯза изҳори сипос намоям.

Масъалаҳои тавсеаи ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ бо Ҷумҳурии Федеративии Олмон аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои мо ба шумор мераванд.

Бо шарофати дастовардҳои назарраси даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон босуръат тараққӣ карда, ҳадафҳо ва афзалиятҳои асосии рушд дар «Стратегияи миллии рушди мамлакат барои давраи то соли 2030» муайян шудаанд. Тибқи стратегияи мазкур, аз ҷониби Ҳукумати кишвар айни замон ислоҳоти васеъмиқёси иқтисодӣ татбиқ мешавад, ки ба таъмини рушди устувор нигаронида шудааст.

Дар ин раванд Тоҷикистон солҳои тӯлонӣ бо ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ ва дигар шарикони рушд ҳамкории муваффақона дорад. Бо дастгирии онҳо дар тамоми соҳаҳо садҳо лоиҳаю барномаҳои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон амалӣ гардиданд. Илова бар ин, мо ҳоло даҳҳо лоиҳаи дигар дорем, ки ба маблағи умумии 4,5 миллиард доллари ИМА амалӣ карда мешаванд. Созмонҳои молии байналмилалӣ имрӯз Тоҷикистонро ҳамчун давлати дорои иқтисоди босуръат рушдёбанда арзёбӣ менамоянд.

Таъкид менамоям, ки суръати миёнаи солонаи рушди иқтисоди мамлакат дар давоми даҳ соли охир беш аз ҳафт фоизро ташкил додааст. Дар Тоҷикистон бахши хусусӣ рушд менамояд, ки саҳми он дар истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ тақрибан 90 фоизро ташкил медиҳад. Барои ҷалби сармояи хориҷӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шуда, савдои байналмилалӣ вусъат меёбад. Қонунгузории мамлакат барои ҳифзи соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ имтиёзҳои зиёд ва кафолатҳои васеи ҳуқуқӣ фароҳам овардааст. Узвияти давлати мо дар Созмони умумиҷаҳонии савдо ва як қатор конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон низ мутобиқати қонунгузории мамлакатро ба меъёрҳои байналмилалӣ собит менамояд.

**Дӯстони азиз!**

Тоҷикистон дорои сарватҳои фаровони табиӣ, махсусан захираҳои обу маъдан буда, 93 фоизи қаламрави онро кӯҳҳо бо 13 ҳазор пирях, ки манбаи асосии оби нӯшокӣ мебошанд, ташкил медиҳанд. Зиёда аз 60 дарсади манбаъҳои оби Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон ташаккул меёбанд.

Тоҷикистон дар ҷаҳон аз рӯи захираҳои умумии гидроэнергетикӣ ҷойи ҳаштум ва аз ҷиҳати захираи хоси онҳо ба ҳар сари аҳолӣ ҷойи дуюмро ишғол менамояд. Имрӯз аз ин иқтидор ҳамагӣ панҷ фоиз истифода карда мешавад.

Наваду ҳашт фоизи неруи барқи Тоҷикистон аз манбаъҳои барқароршавандаи «энергияи сабз» истеҳсол мегардад. Аз рӯи ин нишондод, Тоҷикистон дар ҷаҳон дар ҷойи шашум қарор дорад.

Мо нақша дорем, ки иқтидори истеҳсоли энергияи аз лиҳози экологӣ тозаи худро дар ояндаи наздик ҳамчун манбаи асосии пешбурди «иқтисоди сабз» ду баробар афзоиш диҳем. Дар ин самт мо барои ҳамкории созанда ва судманд бо тамоми ҷонибҳои манфиатдор омода мебошем. Рушди «иқтисоди сабз» яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, имконият фароҳам аст, ки тавассути истифода аз «энергияи сабз» бо таъсири камтарин ба муҳити зист истеҳсолоти дорои талаботи зиёд ба энергия ҷойгир карда шавад. Истифодаи самараноки ин иқтидор сармоягузории зиёд ва ҷорӣ намудани технологияҳои навро тақозо менамояд. Иқтидори гидроэнергетикии Тоҷикистон якҷо бо технологияҳои нав имкон медиҳад, ки алюминий ва дигар металлҳо, инчунин, маҳсулоти тайёр аз онҳо бо ҳадди камтарини ихроҷи карбон истеҳсол карда шавад.

«Ширкати Алюминийи Тоҷик» (ТАЛКО), ки дар истеҳсолот неруи барқи аз ҷиҳати экологӣ тозаро истифода менамояд, имрӯз аллакай ба панҷгонаи беҳтарин истеҳсолкунандагони ҷаҳонии «алюминийи сабз» ворид шудааст. Истеҳсоли «алюминийи сабз», мис ва литий дар Тоҷикистон метавонад барои сармоягузорӣ дар истеҳсоли автомобилҳои барқӣ бартарӣ дошта бошанд. Ҳамчунин бояд таъкид намуд, ки дар ояндаи наздик дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо маҳсулоте, ки бо истифода аз «энергияи сабз» истеҳсол мегардад, аз андози карбон озод карда мешавад.

Бо назардошти ин ва захираҳои мавҷудаи меҳнатӣ дар оянда истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Тоҷикистон, ки барои содирот ба бозорҳои Аврупо нигаронида шудааст, манфиатовар мегардад. Бахши истеҳсоли саноатӣ, пеш аз ҳама, саноати кӯҳӣ, металлургӣ, сабук ва хӯрокворӣ, инчунин, кооператсия самти мутақобилан судманди ҳамкории мо ба ҳисоб меравад. Саноати истихроҷи маъдан низ дар Тоҷикистон бинобар сабаби талаботи зиёд ба захираҳои комилан зарурии маъданӣ дурнамои хуб дошта, тақрибан 40 намуд металл ва масолеҳ истихроҷ карда шуда, 800 кони маъданҳои полиметаллӣ, металлҳои нодир ва қиматбаҳо муайян ва кашф гардидааст, ки қисман барои азхудкунии саноатӣ омода мебошанд. Истеҳсоли мис, нуқра, тилло, сурб, сурма, рӯҳ, литий, волфрам, симоб, металлҳои нодир, сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо, намаки сангӣ ва як қатор маъданҳои дигар дурнамои хуб дорад.

Дар соҳаи саноати сабук ва хӯрокворӣи Тоҷикистон таваҷҷуҳи асосӣ ба ташкили кластерҳо барои коркарди амиқи ашёи хоми маҳаллӣ, пеш аз ҳама, маҳсулоти кишоварзӣ ва нахи пахта то маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда нигаронида шудааст.

Ҳамкории мо дар саноати химия, фарматсевтика ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ низ метавонад ба ҳар ду ҷониб манфиатовар бошад.

Дар заминаи таъмини амнияти озуқаворӣ мо ба густариши ҳамкорӣ бо Олмон дар соҳаи кишоварзӣ, ки солҳои охир дар Тоҷикистон босуръат рушд менамояд, манфиатдор мебошем. Дар ин самт мо метавонем аз имконияти Тоҷикистон барои истеҳсол ва содироти маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза ба бозорҳои Аврупо самаранок истифода бурда, барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва истифодаи иқтидори бузурги он, бахусус, сайёҳии кӯҳнавардӣ, экологӣ ва солимгардонӣ тадбирҳои зарурӣ меандешад. Бо ин мақсад ҷорӣ гардидани низоми бераводиди якҷониба барои шаҳрвандони як қатор давлатҳо, аз ҷумла Олмон имкон медиҳад, ки дар Тоҷикистон сӣ рӯз бе раводид қарор дошта бошанд. Мо, ҳамчунин, ба ҳамкории мутақобилан судманд бо ҷониби Олмон дар рушди бахшҳои молия ва бонкдорӣ, бахусус истифодаи коғазҳои қиматноки сабз ва рақамисозии иқтисоди Тоҷикистон манфиатдор ҳастем.

Дар хотима мехоҳам таъкид намоям, ки бартариҳои зикргардидаи Тоҷикистон, аз ҷумла мавҷудияти захираҳои бузурги табиӣ, захираҳои муҳими маъдан ва ашёи хом, имконияти бузурги истеҳсоли «энергияи сабз» ва мавҷудияти захираҳои кофии меҳнатӣ ва нишондиҳандаҳои мусбати демографӣ, асоси ҳамкории мутақобилан судманди мо мебошанд.

Ба ҳамаи шумо саломатӣ ва муваффақият орзу менамоям.

**Ташаккур барои таваҷҷуҳатон!**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҶУМҲУРИИ ФЕДЕРАТИВИИ ОЛМОН

(Идома аз саҳ. 1)

**29-уми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Берлин дар ҳошияи Вохӯрии якуми сарони давлатҳои «Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон» бо ноиби Кантслери Ҷумҳурии Федеративии Олмон, вазири федералии иқтисодиёт ва ҳифзи иқлим Роберт Хабек мулоқот карданд.**

Дар рафти мулоқот маҷмӯи масоили ҳамкории Тоҷикистону Олмон мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки густариши ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва сармоягузорӣ бо Ҷумҳурии Федеративии Олмон ба манфиати ҷонибҳо хоҳад буд.

Ҷонибҳо зимни мулоқот, дарёфти роҳҳои нави ҳамкорӣ дар самтҳои ояндадори тиҷоратию иқтисодӣ, саноати кӯҳию хӯрокворӣ, кишоварзӣ, содироти маҳсулоти кишоварзӣ, нассоҷӣ ва масолеҳи сохтмонӣ, ҷалби сармоя ва технологияи пешрафтаи Олмон ба иқтисодиёти Тоҷикистонро муҳокима карданд. Барои таҳкими ҳамкориҳои гуногунҷанба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва соҳибкорӣ зарур шуморида шуд.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо, ҳамчунин, ба масъалаҳои муҳитизистӣ, бахусус, татбиқи ташаббусҳои обу иқлимии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таъкид карданд, ки минбаъд низ ҳамкориҳои судмандро дар ин замина идома хоҳанд дод.

**29-уми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Берлин дар ҳошияи Вохӯрии якуми сарони давлатҳои «Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон» бо Кантслери федералии Олмон Олаф Шолтс мулоқот карданд. Дар рафти мулоқот маҷмӯи масъалаҳои ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи Тоҷикистону Олмон мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.**

Ҷонибҳо зимни мулоқот, масоили ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод, аз ҷумла энергетика, саноат, нақлиёт, ҳамчунин, фарҳанг ва гуманитарӣ, бахусус, маориф ва сайёҳиро муҳокима намуданд.

Дар доираи барномаҳои рушди босуръати саноат соҳаи маъданҳои кӯҳӣ, металлургӣ, мошинсозӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ ва ҷалби сармоя ба бахшҳои гуногуни саноат, ҳамчун соҳаҳои афзалиятнок муайян гардиданд. Бо назардошти имкониятҳои содиротии Тоҷикистон таъсиси корхонаҳои муштарак оид ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва марказҳои логистикӣ дар кишвари мо зарур шуморида шуд.

Ҳамкорӣ дар самти об, тағйирёбии иқлим, рушди иқтидорҳои тавлиди «неруи сабз» ва татбиқи ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар соҳаи об ва ҳифзи пиряхҳо, аз мавзӯъҳои муҳими мулоқот буданд.

Вобаста ба вазъи Афғонистони ҳамсоя таъкид гардид, ки Тоҷикистон имконоти логистикии худ, аз ҷумла шаш пулро дар марз бо ин кишвар барои расонидани кумаки башарӣ ба мардуми он фаро гузоштааст. Чор бозори наздисарҳадӣ аз нав ба фаъолият шурӯъ кард. Ба кишвари ҳамсоя неруи барқ, маҳсулоти ғизоӣ ва масолеҳи сохтмонӣ содирот мешавад.

Дар анҷоми мулоқот ҷонибҳо ҳавасмандии мутақобилаи худро барои таҳкими ҳамкориҳо ва истифодаи имконияту зарфиятҳои мавҷуда изҳор намуданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Кантслери федералии Олмон Олаф Шолтс даъват ба амал оварданд, ки дар вақти барояшон муносиб ба Тоҷикистон ташриф оранд. Даъват бо қаноатмандӣ пазируфта шуд.

**30-юми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди анҷоми сафари корӣ дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон аз шаҳри Берлин ба Ватан баргаштанд.**

Ёдовар мешавем, ки дар доираи сафари корӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Вохӯрии якуми сарони давлатҳои «Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон» ва Форуми иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон иштирок карда, бо як қатор роҳбарони воломақоми ин кишвари мизбон мулоқот карданд.

**www.prezident.tj**

**Дуюми октябри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

«Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии

# ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар он масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар



бораи зотпарварӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода, оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод ва оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Хайрулло Амонулло ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Дар ҷаласа, ҳамчунин, масъала «Дар бораи таъсис додани гурӯҳи корӣ оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# БАРРАСИИ 18 МАСЪАЛА ДАР ҶАЛАСАИ ЯКУМИ ИҶЛОСИЯИ ПАНҶУМИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

(Идома аз саҳ. 1)

**Ба ҳайати аъзои комиссия:**

номзадии вакил аз ҳавзаи интихоботии Ҷалолиддини Балхӣ, № 30 Одиназода Ҳуснигул Раҷаб;

вакил аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ Икромӣ Фазлиддин Маҳмазоит пешниҳод карда мешавад.

Доир ба шумора ва ҳайати комиссия андешаи дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз монда, хоҳишмандам мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи қарор дар хусуси ҳайати Комиссияи баҳисобгирии овозҳои вакилон ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам!**

Тибқи талаботи бандҳои 246 ва 247-уми Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки Гурӯҳи назорати системаи электронии овоздиҳиро дар ҷаласаҳои Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум интихоб намоем.

Пешниҳод аст, ки гурӯҳ иборат аз се нафар ва дар ҳайати зерин интихоб карда шаванд:

*роҳбари гурӯҳ:*

номзадии вакил аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ Раҳматзода Рустам.

*ба ҳайати аъзои гурӯҳ:*

номзадии вакил аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ Ҷавҳарӣ Муҷибахон Одил;

вакил аз ҳавзаи интихоботии Ҳамадонӣ, № 35 Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович пешниҳод карда мешавад.

Доир ба шумора ва ҳайати гурӯҳ андешаи дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва хоҳишмандам мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи қарор дар хусуси ҳайати Гурӯҳи назорати системаи электронии овоздиҳӣ ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

**РАИС: -** Аз вакилоне, ки ба ҳайати Котибот, Комиссияи баҳисобгирии овозҳо ва Гурӯҳи назорати системаи электронии овоздиҳӣ интихоб шудаанд, хоҳиш карда мешавад, ки ба иҷрои вазифаҳояшон шурӯъ намоянд.

**Вакилони муҳтарам!**

Зимнан, ба мо лозим аст, ки тартиби инъикоси кори ҷаласаҳои Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро аз тариқи воситаҳои ахбори омма муайян намоем.

Аз рӯи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Фаттоҳзода Саидмурод Самад дода мешавад. Марҳамат.

**Саидмурод ФАТТОҲЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Мутобиқи банди 137-и Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби инъикоси рафти ҷаласаи якуми Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ироа мегардад.

1. Рафти ҷаласаи якуми Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум дар барномаҳои телевизион ва радиои ҷумҳурӣ ба таври фишурда пахш карда шавад.

2. Маводи ҷаласаи якуми Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум дар нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - «Садои мардум» ба таври пурра нашр карда шавад.



3. Маводи ҷаласаи якуми Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум тавассути Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар», рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Народная газета» ва «Халқ овози», инчунин дар рӯзномаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятӣ, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ чоп карда шаванд.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби инъикоси кори ҷаласаи якуми Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа ҳаждаҳ масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният интихоб намудани Муинӣ М.М.»**

**2. Дар бораи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба озод намудани Файзуллозода Х.Т. аз вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023»**

**4. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**5. Дар хусуси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати «OXUS INTERAZIA FZCO» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли тамоку дар Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара»**

**6. Оид ба Шартномаи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом**

**7. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон»**

**8. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»**

**9. Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**10. Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти киберии байналмилалӣ**

**11. Дар хусуси Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ ба объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста дар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ**

**12. Дар бораи Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои сарҳадӣ аз 2 сентябри соли 2011**

**13. Дар бораи Протоколи чорум оид ба ворид намудани тағйирот ба Оинномаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 7 октябри соли 2002**

**14. Оид ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи реадмиссия ва Протоколи иҷроия оид ба тартиби амалисозии Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи реадмиссия**

**15. Оид ба Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Озарбойҷон**

**16. Дар хусуси Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар самти мусоидат ба шуғли аҳолии давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил**

**17. Дар хусуси Созишномаи грантӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (JICA) доир ба лоиҳаи беҳтар намудани таҷҳизоти нигоҳдорӣ, рақамикунонӣ ва истифодабарии китобҳои Муассисаи давлатии «Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандартии китоб - Хонаи китоби Тоҷикистон»**

**18. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИС: -** Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем.

Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният интихоб намудани Муинӣ М. М.».

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Ягон пешниҳоди дигар дорed? Нест.

Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳиш мекунам мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният интихоб намудани Муинӣ М. М.» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

Тибқи талаботи моддаи 3 қисми 1-уми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вакили интихобшуда ба халқи Тоҷикистон савганд ёд мекунад.

Марҳамат, Муинӣ Мавсума.



*Ҳамчун вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муинӣ Мавсума савганд ёд намуд.*

**РАИС: -** Дар бораи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба озод намудани Файзуллозода Х. Т. аз вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва хоҳишмандам, мавқеатонро муайян намоед.

*Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба озод намудани Файзуллозода Х. Т. аз вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** *Ба баррасии масъала* «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулмуродзода Карим Гулмурод дода мешавад. Марҳамат.

**Карим ГУЛМУРОДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» бо мақсади мутобиқ намудани муқаррароти он ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Ҳамасола бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» нисбат ба воридоти гази табиӣ имтиёз пешбинӣ карда мешуд.

Бо назардошти дар Кодекси андоз танзим намудани масъалаи озодкунии пурраи воридоти гази табиӣ аз андоз аз арзиши иловашуда, зарурати аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» хориҷ намудани имтиёзи 50 - фоизаи андоз аз арзиши иловашуда барои воридоти гази табиӣ ба миён омадааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур хусусияти таҳририӣ ва мутобиқсозӣ дошта, ба таъмин намудани фаъолияти самарабахши низоми энергетикии кишвар ва муътадил нигоҳ доштани арзиши таҳвили гази табиӣ мусоидат менамояд.

Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони арҷманд, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадалӣ ҚУРБОНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муътадилгардонии вазъи молиявии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳои пешниҳоднамудаашон ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар кумита бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ шуда, тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони гиромӣ, бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулмуродзода Карим Гулмурод дода мешавад. Марҳамат.

**Карим ГУЛМУРОДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо мақсади муътадил нигоҳ доштани вазъи молиявии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» таҳия карда шудааст, пешниҳод гардидааст.

Қобили қайд аст, ки қаблан барои дар амал татбиқ намудани муқаррароти Созишнома байни Ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи савдои озод» бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2022» воридоти гази табиӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда пурра озод карда шуда, таҳвили минбаъдаи он тибқи Кодекси андоз мавриди андозбандӣ қарор дода мешуд, ки он ҳолатҳои баҳсиро байни мақомоти андоз ва ҶСК «Тоҷиктрансгаз» ба миён овардааст. Дар ин замина, барои таъмин намудани фаъолияти самарабахши низоми энергетикии кишвар ва аз байн бурдани ҳолатҳои баҳсӣ дар лоиҳаи қонуни мазкур муқаррарот вобаста ба аз болонархӣ андозбандӣ шудани таҳвили минбаъдаи гази табиӣ пешбинӣ карда шуд. Ҳамзамон, барои минбаъд бо як санад танзим гардидани татбиқи имтиёзҳои андозӣ, тибқи лоиҳаи мазкур ба қисми 4 моддаи 251 Кодекси андоз сархати 18 илова гардида, бо қабули лоиҳа воридоти гази табиӣ аз андоз аз арзиши иловашуда пурра озод карда мешавад. Яъне, минбаъд зарурати дар қонунгузории буҷет пешбинӣ намудани имтиёзҳо нисбат ба воридоти гази табиӣ аз байн меравад. Дар маҷмӯъ, қабули лоиҳаи мазкур ба таъмин намудани фаъолияти самарабахши низоми энергетикии кишвар ва муътадил нигоҳ доштани арзиши таҳвили гази табиӣ мусоидат менамояд.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# БАРРАСИИ 18 МАСЪАЛА ДАР ҶАЛАСАИ ЯКУМИ ИҶЛОСИЯИ ПАНҶУМИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**(Идома аз саҳ. 1 - 2)**

Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони арҷманд, бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Дӯстмуродзода Сурайё дода мешавад. Марҳамат.

**Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Тибқи лоиҳаи қонун, ба моддаҳои 248 қисми 10 Кодекси андоз ва сархати ҳафдаҳуми қисми 4 моддаи 251 тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд.

Арзиши амалиёти андозбандишаванда оид ба таҳвили минбаъдаи гази табиӣ ҳангоми воридот аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад, фарқияти мусбати байни арзиши гази табиӣ ва арзиши гумрукии он, бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда мебошад. Дар сурати ба миён омадани фарқияти манфии арзиши амалиёти андозбандишаванда, ҳангоми ҳисобкунии андоз аз арзиши иловашуда, фарқият баробари сифр қабул карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуда, ҳамзамон, 7 таклиф пешниҳод карданд, ки аз онҳо аксарияташон қобили қабул дониста шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони гиромӣ, хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:-** Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати «OXUS INTERAZIA FZCO» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли тамоку дар Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саъдӣ Қодирзода дода мешавад. Марҳамат.

**Саъдӣ ҚОДИРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар доираи талаботи қонунгузорӣ Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати «OXUS INTERAZIA FZCO» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли тамоку дар Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» таҳия шуда, тибқи тартиби муқаррагардида, ба баррасии ҷаласаи имрӯза пешниҳод гардид.

Дар рафти таҳияи ин созишнома, хусусиятҳои минтақаи озоди иқтисодии «Данғара», бахусус, роҳандозӣ гардидани фаъолияти истеҳсолии ба содирот нигаронидашуда, ба эътибор гирифта шудааст.

Ҳамзамон, раванди мазкур ба амалишавии «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» мусоидат менамояд.

Тамоми ҷанбаҳои барои татбиқи созишнома пешниҳодгардида дар ҳуҷҷати ниҳоӣ инъикос ёфтааст.

Аз ҷумла:

- ҳаҷми сармоягузорӣ - 20 млн. доллари амрикоӣ;
- таъсиси ҷойҳои доимии корӣ - барои 78 нафар;
- иқтидори содиротӣ - 3,0 миллиард дона тамоку дар як сол

Пешниҳоди имтиёзҳо, ки яке аз талаботи асосии қонунгузории сармоягузорӣ мебошад, дар доираи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба муҳлати панҷ сол ва ба андозаи 50 фоизи меъёри муайяншуда нисбат ба ширкат татбиқ карда мешаванд.

Барои маълумот:

- то 50 фоиз кам кардани меъёри андоз аз арзиши иловашуда дар раванди истеҳсол ва воридИ маҳсулоти тамоку аз тарафи Ширкати лоиҳавӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (берун аз Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара»);
- ба андозаи 50 фоиз кам кардани меъёри аксиз дар раванди истеҳсол ва воридИ маҳсулоти тамоку аз тарафи Ширкати лоиҳавӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (берун аз Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара»);
- озод кардан аз пардохти боҷи гумрукӣ дар рафти истеҳсолот ва ворид маҳсулоти тамоку аз тарафи Ширкати лоиҳавӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (берун аз Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара»).

Бо назардошти гуфтаҳои боло ва аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ, аз шумо, вакилони гиромӣ, хоҳиш менамоям, ки Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати «OXUS INTERAZIA FZCO» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли тамоку дар Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара»-ро тасдиқ намоед.

**РАИС: -** Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ашӯрзода Ғиёсиддин дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШӮРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**



Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати «OXUS INTERAZIA FZCO» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли тамоку дар Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» 25 - уми майи соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Созишномаи мазкур бо мақсади амалисозии «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» таҳия гардидааст.

Дар доираи «Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати «OXUS INTERAZIA FZCO» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли тамоку дар Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» тасмим гирифта шудааст. Созишномаи мазкур дар кумита бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ буда, ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати «OXUS INTERAZIA FZCO» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли тамоку дар Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба Шартномаи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳоким ХОЛИҚЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба ҳамагон маълум аст, ки тайи солҳои охир зуҳуроти нави ба амнияти кишварҳо таҳдидкунанда ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ доираи хатарҳои террористию экстремистиро мунтазам васеъ намуда, фаъолияти созмонҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи террористӣ хусусияти афзояндаи фаромарзиву фаромиллиро касб намуда истодааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳамоҳангӣ ва ҳамкорӣ бо созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ барои андешидани тадбирҳои зарурӣ ва пешгирӣ кардани ин падидаи номатлуб кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Қаблан Ҷумҳурии Тоҷикистон Шартномаи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро дар бораи муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм аз 5 - уми октябри соли 2007 ба имзо расонид, ки он бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми феврали соли 2014 таҳти №1441 тасдиқ гардида буд.

Бо мурури замон ва бо назардошти хатару таҳдидҳои нави терроористии ҷойдошта, хатари паҳншавии силоҳи қатли ом, ки дар шартномаи қаблӣ ба инобат гирифта нашуда буд, инчунин бо ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди пулшӯӣ (ФАТФ), ки стандартҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузори паҳнкунии силоҳи қатли ом мебошанд, зарурати дар таҳрири нав ба имзо расонидани шартномаи зикршуда ба миён омад.

Бо ин мақсад, 15 - уми октябри соли 2021 Шартномаи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом аз ҷониби сарони давлатҳои Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Федератсияи Россия ва Туркманистон ба имзо расонида шуд.

Мақсад аз қабули шартномаи мазкур вусъат бахшидани ҳамкориҳо дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва такмили заминаи ҳуқуқии он мебошад.

Бартарии шартномаи мазкур нисбат ба шартномаи соли 2007 баимзорасида дар он мебошад, ки дар шартномаи нав самтҳои нави ҳамкорӣ, аз ҷумла дар самти маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, эътирофи рӯйхатҳои шахсони бо терроризм алоқаманд, гузаронидани чораҳо оид ба ғайри фаъолгардонӣ, мусодира ва баргардонидани воситаҳо ё дигар молу мулк пешбинӣ гардидаанд.

Ғайр аз ин, шартномаи мазкур ҳамкориҳоро доир ба мутобиқгардонии қонунгузории тарафҳо, расонидани ёрии ҳуқуқии мутақобила, аз ҷумла вобаста ба супоридани ҳуҷҷатҳо, ҷустуҷӯ, ҳабс, гузаронидани дигар корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин машваратдиҳиро бо ҳамдигар дар самтҳои зикршуда дар бар мегирад.

Тибқи талаботи шартномаҳои байналмилалӣ, шартномаи мазкур бояд аз ҷониби давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тасдиқ (ратификатсия) карда шавад.

Бинобар ин, бо дастрасии моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Шартномаи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом бояд мавриди тасдиқ (ратификатсия) қарор дода шавад.

Шартномаи номбурда ва лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси тасдиқи он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд.

Қабул ва татбиқи шартномаи зикршуда маблағгузории иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб наменамояд. Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи шартномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Сухан ба раиси Кумита оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам ШОҲМУРОД:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Шартномаи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом аз 15 - уми октябри соли 2021 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади иҷрои расмиёти дохилидавлатӣ барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо падидаи номатлуби раванди ҷаҳонишавӣ – ҷиноятҳории фаромиллӣ рӯ ба рӯ шуда, мубориза бо ҷиноятҳориро ба сифати афзалияти сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар эълон намуд. Ҳанӯз соли 1998 дар ҷумҳурӣ қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ба сифати кирдори ҷиноятӣ эътироф гардида, ҷавобгарӣ барои он муқаррар шуда буд.

Бо назардошти хусусияти фаромиллӣ доштани ҷиноятҳои алоқаманд бо терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, маблағгузории он низ зарурати ҳамоҳанг сохтани низоми муқовимати давлатҳоро дар самти мазкур тақозо менамояд.

Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои байналмилалии ҳуқуқии глобалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла Конвенсияи байналмилалӣ «Дар бораи муқовимат бо маблағгузории терроризм» аз соли 1999, Конвенсияи СММ «Оид ба муқовимат бо ҷиноятҳории муташаккили фаромиллӣ» аз соли 2000, Конвенсияи СММ «Дар бораи муқовимат бо коррупсия» аз соли 2003, Конвенсияи Созмони ҳамкориҳои Шанхай ба муқобили терроризм ва амсоли инҳоро эътироф намудааст.

Дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро дар самти мазкур мутобиқ ба Шартномаи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм аз 5 - уми октябри соли 2007 ба роҳ мондааст.

Бо мақсади бунёди низоми самараноки ҳамкории байналмилалии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар самти мазкур, бо қарори Шӯрои роҳбарони давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 11 - уми октябри соли 2017 Консепсияи ҳамкории давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соҳаи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом қабул гардид.

Бо назардошти консепсияи мазкур, инчунин, такмил ёфтани тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ (ФАТФ) ва амалияи байналмилалии муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, зарурати такмили санадҳои ҳамкории давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба миён омад.

Бинобар ин, 15 - уми октябри соли 2021 аз ҷониби роҳбарони давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил «Шартномаи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» дар таҳрири нав ба имзо расонида шуд.

Шартномаи мазкур фарогири масъалаҳои ҳамкорӣ дар самтҳои мутобиқгардонии қонунгузории тарафҳо, расонидани ёрии ҳуқуқии мутақобила, аз ҷумла вобаста ба супоридани ҳуҷҷатҳо, ҷустуҷӯ, ҳабс, ғайрифаъолгардонӣ (боздошт), мусодира ва баргардонидани молумулки мусодирашуда, гузаронидани корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, машваратдиҳӣ, инчунин, эътирофи рӯйхатҳои шахсон, гурӯҳ ва ташкилотҳое, ки нисбат ба онҳо маълумот оид ба иштироки онҳо дар фаъолияти террористӣ ва паҳнкунии силоҳи қатли ом ҷой дорад, мебошад. Тибқи шартномаи нав, ба даромади бо роҳи ҷиноят бадастоварда на танҳо даромадҳои мустақим аз ҷиноятҳо, балки манфиатҳои молӣ ё моддии бавосита дар натиҷаи содир намудани ҷиноят бадастоварда низ мансуб ёфта, мафҳуми «маблағҳо» васеъ гардонида шудааст.

Мутобиқи моддаҳои 31 ва 32 - юми шартномаи мазкур барои эътибор пайдо кардани он гузаронидани расмиёти дохилидавлатӣ зарур буда, баробари эътибор пайдо кардани ин шартнома барои иштирокчиёни он дар муносибатҳои байни онҳо эътибори Шартномаи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм аз 5 - уми октябри соли 2007 қатъ мегардад.

Шартномаи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 - уми августи соли 2023 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амнияти барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи зикршударо мавриди баррасӣ қарор дода, бо пешниҳоди хулосаҳо онро ҷонибдорӣ намуданд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 24 - уми августи соли 2023 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дод.

Шартномаи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом аз 15 - уми октябри соли 2021, ба талаботи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони муҳтарам, бо эҳтиром хоҳиш менамоем, ки тасдиқи «Шартномаи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз 15 октябри соли 2021-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Шартномаи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳоким ХОЛИҚЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» пешниҳод карда мешавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Хазинаи байналмилалии асъор барномаи лоиҳаи «Механизми қарздиҳии босуръатро» амалӣ менамояд, ки яке аз шартҳои он иҷрои Тавсияҳои ҳисоботи Хазинаи байналмилалии асъор аз рӯйи натиҷаи баҳодиҳии чораҳои муҳофизатии Бонки миллии Тоҷикистон аз 4-уми январи соли 2021 мебошад.

Тавсияҳои Хазинаи байналмилалии асъор марҳила ба марҳила барои мукаммал намудани заминаи ҳуқуқии фаъолияти Бонки миллӣ тибқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ пешниҳод мешаванд.

Вобаста ба тавсияҳои навбатӣ бо лоиҳаи қонуни мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳои зерин пешбинӣ шуданд:

1) Ҷиҳати мушаххас намудани меъёри фоизии қарзҳои Бонки миллӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди маблағгузории эмиссионӣ дар бозори дуюмдараҷа бо такмили моддаи 24 қонун меъёри фоизи қарзҳо аз рӯйи меъёри фоизи бозтамвил ва таъиноти маблағгузории эмиссионӣ дар бозори дуюмдараҷа вобаста ба мақсадҳои сиёсати пулию қарзии Бонки миллӣ муқаррар карда шуд.

2) Бо такмили қисми 3 моддаи 74-и қонун ҳайати Раёсати Бонки миллӣ аз 7 ба 9 нафар ва иборат аз раис, муовини якум ва ду муовин, панҷ аъзои мустақил пешбинӣ карда шуд. Бо тағйиру иловаи моддаи 78 қоидаи кворум ва вобаста ба он қоидаи овоздиҳӣ бо муайян намудани ҳолатҳои истисноӣ пешбинӣ шуда, заминаи ҳуқуқии мавқеи мустақил мустаҳкам карда шуд.

3) Вобаста ба масъалаҳои ҳолати ҳуқуқии аъзои Раёсати Бонки миллӣ ва мухторияти аъзои мустақили Раёсат, тартиби ба вазифа таъин ва озод намудани онҳо, бештар намудани муҳлати ваколатҳои аъзои мустақили Раёсат, ҷорӣ намудани талаботи намуди фаъолиятҳои барои аъзои Раёсат номувофиқ, инчунин, баъзе масъалаҳои дигари молиявӣ ва ташкилӣ такмил дода шуданд. Аз ҷумла, дар натиҷаи такмили моддаи 74-и қонун аъзои Раёсат аз ҳисоби аъзои мустақил ва муовинони раис бо пешниҳод аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Муҳлати ваколатҳои аъзои мустақили Раёсат аз чор сол ба шаш сол зиёд карда шуд. Талаботи намуди фаъолияти барои аъзои мустақили Раёсати Бонки миллӣ номувофиқ, инчунин, мушаххас намудани масъалаҳои молиявӣ ва ташкилии подошпулии аъзои Раёсат дар қисмҳои 9 ва 12 моддаи 74, қисми 3 моддаи 80 қонун возеҳ ва мукаммал карда шуд.

4) Бо иловаи қисми 8 ба моддаи 80 талабот оид ба ҳар сол ифшо намудани маълумот дар бораи манфиатҳои тиҷоратии аъзои мустақили Раёсат, аз рӯйи қоидаҳои барои роҳбарияти Бонки миллӣ муқаррарнамудаи моддаи 79 қонуни амалкунанда ҷорӣ карда шуд.

5) Бо такмили қисми 2 моддаи 84 қонун ҳайати Кумитаи аудити Бонки миллӣ танҳо аз ҳисоби аъзои мустақили Раёсат пешбинӣ карда шуд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, ки яке аз ташкилотҳои бонуфузи байналмилалии гурӯҳи Бонки умумиҷаҳонӣ маҳсуб меёбад, ҳамкории доимиро роҳандозӣ намуда, кумаку дастгириҳои онро дар самтҳои ба рушди низоми бонкии кишвар манфиатнок самаранок истифода менамояд.

Айни замон вобаста ба рушди татбиқи технологияҳои иттилоотии муосир ва таъмини дастрасии фосилавӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ ҳамкорӣ идома дорад.

Дар фаъолияти бонкӣ татбиқи технологияҳои иттилоотии муосир, дастрасии аҳолиро ба он фарогир менамояд. Лекин, масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои муштариён ва амнияти иттилоотии ташкилотҳои қарзӣ аз ҳар гуна хавфҳои технологӣ, молиявӣ ва инсонӣ, инчунин, мутобиқат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд пешакӣ санҷида шаванд.

Бо чунин мақсадҳо дар таҷрибаи байналмилалӣ бонкҳои марказӣ барои дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзӣ татбиқ намудани «реҷаи махсуси танзим» ва дар доираи он санҷидани мутобиқат ва самаранокии технологияҳои иттилоотии муосир дар фаъолияти бонкӣ ваколатдор карда шудаанд.

Гузаронидани реҷаи махсуси танзим имкон медиҳад, ки ташкилоти қарзии манфиатдор дар муҳити маҳдуд таҳти назорати бонки марказӣ анҷомдиҳии амалиёти бонкиро бо истифодаи технологияҳои инноватсионӣ озмоиш намояд ва санҷад.

Бо мақсади ҷорӣ намудани чунин таҷриба дар моддаи 6 қонуни амалкунанда вазифаи Бонки миллӣ барои фароҳам овардани шароити зарурӣ дар ин самт пешбинӣ карда шуда, инчунин дар моддаҳои 42 ва 62 иловаи 1 ваколати Бонки миллӣ ҷиҳати бо санади меъёрии ҳуқуқии худ танзим намудани шарту тартиби таъсис ва татбиқи «реҷаи махсуси танзим» илова ва муқаррар карда шуд.

Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси қонун масъули таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҷиҳати бо истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ пайваста мукаммал намудани ин самти фаъолият чораҷӯйӣ менамояд. Таҷрибаи байналмилалии муосир, татбиқи сиёсати пулию қарзиро дар асоси муайян намудани самтҳо, истифодаи «реҷаи ҳадафгирии таваррум» ва беҳтар намудани раванди коммуникатсия ривоҷ медиҳад, ки асосҳои он ба амалӣ гардидани мақсадҳои бонкҳои марказӣ бештар мутобиқ аст. Зарурати истифодаи дастовардҳои пешқадам дар чорабиниҳои Матритсаи татбиқи «Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», «Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» ва давраи миёнамуҳлат қайд карда шуда, дар робита ба ин такмили қонуни Бонки миллӣ низ сурат мегирад.

Бинобар ин, аз натиҷаи омӯзиши таҷрибаи дигар бонкҳои марказӣ вобаста ба ин мавзӯъ, бо лоиҳаи қонуни мазкур ба муқаррароти моддаҳои 2, 5, 14, 15, 16, 17, 19, 20, 24, 77 қонуни амалкунанда тағйиру илова ворид карда шуда, инчунин, моддаи 22 ишораи 1 илова карда шудааст.

Алалхусус, мафҳумҳои «сиёсати монетарӣ», «қоғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон» пешбинӣ карда шудаанд. Тибқи амалияи байналмилалӣ, таҷрибаи дурнамосозӣ минбаъд ба тасдиқи самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ иваз гардид.

Лоиҳаи қонуни мазкур, инчунин масъалаҳои мутобиқ намудани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон»-ро ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давоми солҳои охир такмил ёфтаанд, фаро мегирад. Махсусан, дар моддаҳои 4, 73 ва 82 қонуни мазкур Бонки миллӣ объекти хулосаи аудиторӣ ва мафҳумҳои ба он вобаста мушаххас карда шуданд.

Муқаррароти моддаҳои 10, 41 ва 70 қонуни амалкунанда ба талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ мутобиқ карда шуданд.

Мафҳуму истилоҳоти моддаҳои 54, 55 иловаи 1, 56 ва 58 бо назардошти тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» мутобиқ карда шудааст. Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони арҷманд, бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадалӣ ҚУРБОНЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» тавассути мутобиқ намудани меъёрҳои он бо қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи байналмилалӣ фароҳам овардани заминаи мусоиди ҳуқуқӣ барои гузариши батадриҷ ба реҷаи ҳадафгирии таваррум ва беҳтар намудани раванди коммуникатсияи сиёсати пулию қарзӣ таҳия гардидааст.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳои пешниҳоднамудаашон ҷонибдорӣ намуда, ҳамзамон 77 таклифу дархост пешниҳод намуданд, ки қисме аз онҳо ба инобат гирифта шуданд. Таклифҳои қабулгардида дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид карда шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони муҳтарам, бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**(Давомаш дар саҳ. 4)**

# БАРРАСИИ 18 МАСЪАЛА ДАР ҶАЛАСАИ ЯКУМИ ИҶЛОСИЯИ ПАНҶУМИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**(Идома аз саҳ. 1 - 3)**

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳоким ХОЛИҚЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» масъалаҳои вобаста ба ҷорӣ намудани «речаи махсуси танзим»-ро дар бар мегирад, ки дар бораи моҳияти он ҳангоми муаррифии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ба шумо, вакилони муҳтарам, маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.

Тибқи лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» қисми 5 илова карда шуда, ҳуқуқу имконияти ташкилотҳои қарзӣ барои дар доираи речаи махсуси танзим ва таҳти назорату роҳнамоии Бонки миллӣ озмоиш намудани мутобиқат ва самаранокии навовариҳои технологияҳои инноватсионӣ пешбинӣ карда мешавад.

Лоиҳаи қонун, инчунин, масъалаҳои вобаста ба такмили муқаррароти ҳуқуқӣ оид ба сирри бонкиро дар бар мегирад. Алалхусус, бо назардошти рушди воситаҳои пардохтие, ки ба суратҳисоби бонкии инфиродӣ вобаста набуда, тавассути он маблағҳои пулӣ ихтиёрдорӣ карда мешаванд ва вусъат ёфтани иштироки миёнаравҳо ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ, инчунин, тибқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав тағйир ёфтани шартҳои дастрасии мақомоти андоз ба маълумоти суратҳисобҳои бонкӣ ба моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Тибқи тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда, воситаҳои пардохтӣ, аз ҷумла ҳамёнҳои электронӣ ва дорандагони онҳо, амалиёти бо воситаҳои пардохтӣ иҷрошавандаи муштариён сирри бонкӣ муқаррар гардида, тартиби ифшои он тавассути вобаста намудан ба шартҳои умумии дар қонун пешбинишуда, мушаххас карда шудааст. Ҳамзамон, ифшо шудани маълумоти сирри бонкӣ ба субъектоне, ки ташкилоти қарзӣ барои амалисозии супориши муштарӣ ҷалб карда метавонанд, иҷозат дода шудааст.

Бо назардошти муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав дастрасии мақомоти андоз ба маълумоти суратҳисобҳои андозсупорандаи санҷишшаванда ва андозсупорандагоне, ки нисбат ба онҳо қарор дар бораи ба таври ғайрисудӣ рӯёнидани қарзҳои эътирофшудаи андоз қабул гардидааст ва (ё) андозсупорандагони бемасъулият эътироф шудаанд, дар асоси дархости хаттии роҳбари мақоми андоз якҷо бо замимаи нусхаи фармон ё қарори дахлдори мақоми андоз таъмин карда мешавад.

Бо лоиҳаи қонуни мазкур тағйироти дахлдор оид ба мутобиқ намудани мафҳуму истилоҳоти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» бо назардошти қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» пешбинӣ карда шудааст. Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони арҷманд, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ашӯрзода Ғиёсиддин дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШӮРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили расмиёти анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ ва аҳдҳо бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ дар доираи татбиқи «речаи махсуси танзим», ҳамзамон, танзим намудани шартҳои дастрасии мақомоти андоз ба маълумоти суратҳисобҳои бонкии инфиродии муштариён пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳои пешниҳоднамудаашон ҷонибдорӣ ва ҳамзамон нуҳ таклиф пешниҳод намуданд, ки аксарияташ қобили қабул дониста шуд.

Таклифҳои қабулгардида дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид карда шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар кумита бо тартиби муқаррargардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 60 Конститутсия ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин рӯ, аз шумо хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рафизода Мирзоамон Ҳамдам дода мешавад. Марҳамат.

**Мирзоамон РАФИЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз тарафи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, пешниҳод мегардад.

Тибқи лоиҳаи қонуни конститутсионии мазкур, пешниҳод карда шудааст, ки ба моддаи 53 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» вобаста ба талабот нисбат ба шахсоне, ки ба мақомоти прокуратура ба кор қабул карда мешаванд, қисми 2 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Барои иҷрои уҳдадориҳои алоҳидаи мансабӣ, ки ихтисоси муайянро талаб мекунанд, бо назардошти талаботи дигари дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинишуда, дигар мутахассисон низ, ки дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ намебошанд, ба кор қабул карда мешаванд».

Лоиҳаи қонуни конститутсионии мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», бо назардошти пайдоиши муносибатҳои нав дар ҷомеа, хусусан рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, афзоиши ҷиноятҳо бо истифода аз ин технологияҳо ва дар ин замина таъсис додани сохтору воҳидҳои нави корие, ки фаъолияти онҳо ихтисосҳои дигар, аз ҷумла дар соҳаи технологияи иттилоотию коммуникатсиониро талаб менамояд, омода гардидааст.

Ин талабот дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23 - юми декабри соли 2022 мукаммал дарҷ гардида, баҳри таъсис додани Маркази ягонаи иттилоотӣ барои пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ содир мешаванд, ба мақомоти дахлдор, аз ҷумла ба Прокуратураи генералӣ дастур дода шуда буд.

Дар робита ба ин, бо пешниҳоди Прокуратураи генералӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №552 аз 19 - уми апрели соли 2023 дар сохтори мақомоти прокуратураи кишвар воҳиди нав - «Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳо» бо 40 воҳиди корӣ таъсис дода шуд, ки барои пешбурди фаъолияти он асосан мутахассисоне лозиманд, ки дорои ихтисос дар соҳаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ мебошанд.

Лоиҳаи қонуни конститутсионии мазкур мавриди арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ қарор дода шуда, дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор нашудааст ва қабули он аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш мекунам, ки ба тарафдории қабули лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» овоз диҳед.

**РАИС: -** Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Раҷабзода Равшан дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан РАҶАБЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 - уми апрели соли 2023 таҳти №552 дар сохтори мақомоти прокуратураи кишвар воҳиди кории нав - «Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳо» таъсис дода шудааст, ки дорои раёсату шуъбаҳои дахлдор буда, барои пешбурди фаъолияти он 40 воҳиди кории иловагӣ ҷудо карда шудааст, ки аксари воҳидҳои кории он дониши махсуси касбӣ-техникиро талаб менамояд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 - уми августи соли 2023 таҳти №1748 барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуда буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, ҷонибдорӣ намуданд ва баҳри такмили он се таклиф пешниҳод карданд, ки бо назардошти онҳо лоиҳа такмил дода шуд.

Кумитаи масъул 31 - уми августи соли 2023 бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Шоназаров С. А., намояндагони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи худ лоиҳаи номбурдаро мавриди баррасӣ қарор дода, онро пурра ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бобҳои дуюм ва нуҳуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, аз шумо, вакилони арҷманд, бо эҳтиром хоҳиш менамояд, ки ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти кибериии байналмилалӣ» шурӯъ менамоем.

Сухан ба муовини якуми раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Камолзода Фарҳод Воҳид дода мешавад. Марҳамат.

**Фарҳод КАМОЛЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти кибериии байналмилалӣ барои фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳо дар самти мубориза бар зидди ҷиноятҳои киберӣ таҳия гардида, 10 - уми апрели соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расонида шуд.

Созишнома ҳамкории мақомоти салоҳиятдори ҳар ду кишварро дар самтҳои табодули иттилоот оид ба таъмини амнияти киберӣ барои пешгирӣ, ошкор ва рафъи ҳодисаҳои компютерӣ, тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо оид ба истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бо мақсадҳои террористӣ, коркард ва роҳандозии чораҳои зарурии муштараки боэътимод ва мусоидаткунанда ба таъмини амнияти кибериии байналмилалӣ, табодули иттилоот дар самти қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии давлатҳои Тарафҳо дар ҳамин соҳа, тайёр намудани мутахассисон, табодули таҷриба ва кумак ба Тарафҳо дар соҳаи таъмини амнияти кибериии байналмилалӣ ба танзим медарорад ва тақвият мебахшад.

Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, бо назардошти афзоиш ёфтани раванди ҷинояткории киберӣ ва таҳдиду хатарҳои муосир ба амнияти миллӣ дар фазои интернетӣ, аз қабили тарғибу ташвиқи ақидаҳои террористию экстремистӣ, мағзшӯйӣ ва ҷалби ҷавонон ба сафи созмону гурӯҳҳои террористӣ, маблағгузории терроризм, идеологияи бегона ва дигар унсурҳои номатлуби динӣ, муомилоти маводи мухаддир ва амсоли инҳо тавассути технологияи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, ба роҳ мондани ҳамкориро бо Туркманистон барои андешидани чораҳои муштараки муассир баҳри ошкор ва пешгирӣ намудани чунин ҷиноятҳо мувофиқи мақсад медонад.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти кибериии байналмилалӣ овоз диҳед.

**РАИС: -** Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳаёт ОДИНАЕВ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти кибериии байналмилалӣ 20-уми майи соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Созишномаи мазкур тибқи Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 - уми сентябри соли 2023 таҳти №1799 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд.

Созишномаи мазкур аз дебоча ва 9 модда иборат буда, бо мақсади табодули иттилоот оид ба таъмини амнияти киберӣ барои пешгирӣ, ошкор ва рафъи ҳодисаҳои компютерӣ, тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо вобаста ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ бо мақсадҳои террористӣ ба имзо расидааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи номбурдаро мавриди баррасӣ қарор дода, бо пешниҳоди хулосаҳо онро ҷонибдорӣ намуданд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 15 - уми сентябри соли 2023 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дод.

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти кибериии байналмилалӣ ба талаботи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Аз ин рӯ, аз шумо, бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти кибериии байналмилалиро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС**: - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти кибериии байналмилалӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ ба объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста дар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ» шурӯъ менамоем.

Сухан ба муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Насриддинзода Рухшона дода мешавад. Марҳамат.

**Рухшона НАСРИДДИНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Муқаррароти лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқи Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ ба объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста дар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ» ва лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ ба объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста дар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ» бо меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории миллӣ мутобиқ буда, зарурати ба онҳо ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба миён намеорад ва маблағҳои иловагиро аз буҷети давлат талаб намекунад.

Созишномаи зикршуда метавонад минбаъд ҳамкориҳоро дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ба объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, мубодилаи иттилоот дар соҳаи мубориза бар зидди истифодаи ғайриқонунии объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, таҳия ва амалӣ намудани механизмҳои муқовимат ба вайронкунии ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, такмили қонунгузории давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва бо мақсади густариши алоқаҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо ИДМ боз ҳам вусъат бахшад.

Аз ин рӯ, бо камоли эҳтиром хоҳиш мекунам, ки лоиҳаи пешниҳодшударо дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Матробиён Саодатшо дода мешавад. Марҳамат.

**Саодатшо МАТРОБИЁН**:



- **Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ**

Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ ба объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста дар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ 12-уми ноябри соли 2021 дар шаҳри Минск ба имзо расида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми сентябри соли 2023 таҳти № 1798 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот ва барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардид.

Созишномаи мазкур, бо назардошти аҳамияти такмили низоми ҳифзи ҳуқуқ ба объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ, танзими нокифояи масъалаҳои истифодаи объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, аз ҷумла дар шабакаи интернет, дар асоси «Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 24 - уми сентябри соли 1993, «Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ ва таъсиси Шӯрои байнидавлатӣ оид ба ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ» аз 19-уми ноябри соли 2010, «Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо истеҳсол ва паҳнкунии маҳсулоти қалбакӣ» аз 26 - уми майи соли 2017 таҳия гардида, барои ба анҷом расонидани расмиёти дохилидавлатии дахлдор ва эътибори қонунӣ пайдо намудани он пешниҳод шудааст.

Созишномаи мазкур мутобиқи қонунгузории давлатҳои иштирокчӣ тадбирҳоеро амалӣ менамояд, ки ба ташкили механизмҳои муқовимат ба вайронкунии ҳуқуқ ба объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста дар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла дар интернет нигаронида шудаанд.

Ҳамзамон, мақсад аз имзои созишномаи мазкур такмили қонунгузории давлатҳои иштирокчӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ дар самти ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ ба объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқи вобаста дар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ, таҳияи чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва рафъ кардани истифодаи ғайриқонунии объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, таъмиқи ҳамкории мақомоти ваколатдори давлатҳои иштирокчӣ, мубодилаи иттилоот дар соҳаи муқовимат ба истифодаи ғайриқонунии объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста дар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ, инчунин гузаронидани машваратҳо, конференсияҳои илмию амалӣ, форумҳо, инчунин, тадқиқоти илмӣ, аз ҷумла тадқиқоти якҷоя дар ин мавзӯъ мебошад.

Созишномаи мазкур ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ мебошад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ ба объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста дар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсиониро пурра ҷонибдорӣ намуданд. Бинобар ин, аз шумо, вакилони муҳтарам, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқи созишнома овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ ба объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста дар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои сарҳадӣ аз 2 сентябри соли 2011» шурӯъ менамоем.

Сухан ба муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои сиёсӣ - тарбиявӣ Назарзода Тӯрабек дода мешавад. Марҳамат.

**Тӯрабек НАЗАРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои сарҳадӣ аз 2 сентябри соли 2011», лоиҳаи протоколи мазкур маъқул дониста шудааст ва 16 - уми марти соли 2023 дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон аз ҷониби муовини якуми раис - Фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидааст.

Дар асоси мувофиқаҳои бадастомада бо ҷониби Федератсияи Россия ба моддаи 5 созишнома тағйироти зерин ворид карда шудааст:

Дар сархати сеюм: «Гурӯҳи ҳамкории сарҳадӣ дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ, хонаи 6 ва кӯчаи Қаҳҳоров, хонаи 143 ҷойгир мебошад. Ҷои ваколатдори Тарафи Россия, ҳайати шаҳрвандони Гурӯҳи ҳамкории сарҳадӣ аз ҳисоби шаҳрвандони Федератсияи Россия ва аъзои оилаи онҳо аз ҷониби роҳбари Гурӯҳи ҳамкории сарҳадӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори Тарафи Тоҷикистон муайян карда мешавад».

Дар сархати чорум: «Дар ҳолати тағйирёбии суроғаи ҷойгиршавии Гурӯҳи ҳамкории сарҳадӣ, тарафҳо ҳамдигарро тариқи роҳҳои дипломатӣ ба таври хаттӣ огоҳ менамоянд».

Бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкориҳои муфид ва бо назардошти иштироки Федератсияи Россия дар муҷаҳҳазгардонии сарҳади давлатӣ ва тайёр намудани кадрҳои сарҳадӣ ба мақсад мувофиқ мебошад, ки «Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои сарҳадӣ аз 2 сентябри соли 2011» аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

Бо назардошти манфиатиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифз ва ҳимояи сарҳади давлатӣ, аз шумо, вакилони арҷманд, бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқи «Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои сарҳадӣ аз 2 сентябри соли 2011» овоз диҳед.

**РАИС: -** Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Одиназода Ҳуснигул Раҷаб дода мешавад.

**(Давомаш дар саҳ. 5)**

# БАРРАСИИ 18 МАСЪАЛА ДАР ҶАЛАСАИ ЯКУМИ ИҶЛОСИЯИ ПАНҶУМИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

(Идома аз саҳ. 1-4)

**Ҳуснигул ОДИНАЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои сарҳадӣ аз 2 сентябри соли 2011, ки 16-уми марти соли 2023 дар шаҳри Алмаато ба имзо расидааст, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Протоколи мазкур тибқи Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 21-уми августи соли 2023 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният барои баррасӣ ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон, барои додани хулоса ва ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи зикршударо мавриди баррасӣ қарор дода, бо пешниҳоди хулосаҳо онро ҷонибдорӣ намуданд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 24-уми августи соли 2023 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дод.

Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои сарҳадӣ аз 2 сентябри соли 2011 ба талаботи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мудофиа», «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи протоколи номбурдаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои сарҳадӣ аз 2 сентябри соли 2011» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи Протоколи чорум оид ба ворид намудани тағйирот ба Оинномаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 7 октябри соли 2002» шурӯъ менамоем.

Сухан ба вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Мирзо дода мешавад. Марҳамат.

**Шералӣ МИРЗО:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Протоколи чорум оид ба ворид намудани тағйирот ба Оинномаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 7 октябри соли 2002» дар асоси моддаи 11-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади эътибор пайдо намудани протокол, манзури шумо карда мешавад.

Протоколи мазкур 26-уми августи соли 2022 аз ҷониби сарони давлатҳои аъзои СААД ба имзо расонида шудааст.

Протоколи мазкур аз дебоча ва 2 банд иборат буда, тибқи банди якуми он, ба моддаи 8 ва тибқи банди дуюм ба моддаи 17-и Оинномаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ иловаҳо ворид карда мешаванд.

Тибқи меъёрҳое, ки ба оинномa ворид карда шудаанд, давлатҳои аъзои созмон ҳамкориро дар баробари соҳаҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ, мубодилаи ахборот, амнияти иттилоотӣ, ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода, аз хатарҳое, ки дар рафт ё натиҷаи амалиёти ҷанг ба вуқӯъ меоянд, инчунин, дар соҳаи амнияти биологӣ низ ба роҳ мемонанд.



Меъёри мазкур баъди хуруҷи бошиддати бемории сироятии COVID-19 ва ҷалби қувваҳои мусаллаҳи аксари кишварҳо дар корҳои безараргардонӣ ва расонидани кумаки тиббӣ ба аҳолӣ таҳия карда шуда, дар назди Кумитаи котибони шӯроҳои амнияти Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ мақоми машваратии дахлдор таъсис дода шудааст.

Ҳамзамон, тибқи тағйироти ба моддаи 17 оинномa воридшуда, тартиби пеш аз муҳлат қатъ намудани ваколатҳои Котиби генералии созмон муқаррар карда шудааст.

Тасдиқи протоколи зикргардида, барои рушди самтҳои алоҳидаи ҳамкорӣ дар доираи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва мукаммалнамоии тартиби таъиннамоии шахсони мансабдори Котиботи созмон мусоидат хоҳад кард.

Тасдиқи протоколи мазкур зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қонунгузории миллӣ ба миён намеорад ва хароҷоти иловагиро талаб намекунад. Аз ин рӯ, қабули қарори дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар хусуси тасдиқи протоколи зикршуда мувофиқи мақсад мешуморам. Хоҳишмандем, лоиҳаи пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳаёт ОДИНАЕВ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ ва ҳозирини арҷманд!**

Протоколи чорум оид ба ворид намудани тағйирот ба Оинномаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 7 октябри соли 2002, ки 26 - уми августи соли 2022 ба имзо расидааст ва аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст, тибқи Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми сентябри соли 2023 таҳти №1800 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд.

Протоколи мазкур аз дебоча ва 2 банд иборат буда, бо мақсади тақвият ва рушди ҳамкориҳо дар масъалаҳои мубодилаи ахборот, амнияти иттилоотӣ, ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода, аз хатарҳое, ки дар рафт ё натиҷаи амалиёти ҷанг ба вуқӯъ меоянд, инчунин дар соҳаи амнияти биологӣ, ба имзо расидааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи номбурдаро мавриди баррасӣ қарор дода, бо пешниҳоди хулосаҳо онро ҷонибдорӣ намуданд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 15-уми сентябри соли 2023 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дод.

Протоколи чорум оид ба ворид намудани тағйирот ба Оинномаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 7 октябри соли 2002 ба талаботи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа», «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони арҷманд, бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи Протоколи чорум оид ба ворид намудани тағйирот ба Оинномаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 7 октябри соли 2002-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Протоколи чорум оид ба ворид намудани тағйирот ба Оинномаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 7 октябри соли 2002» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Оид ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи реадмиссия ва Протоколи иҷроия оид ба тартиби амалисозии Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи реадмиссия» оғоз менамоем.

Сухан ба муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Аламшозода Абдураҳмон Аламшо дода мешавад. Марҳамат.

**Абдураҳмон АЛАМШОЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи реадмиссия ва Протоколи иҷроия оид ба амалисозии Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи реадмиссия» дар асоси моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Мақсади таҳияи лоиҳаи мазкур, гузаронидани расмиёти дохилидавлатӣ барои эътибор пайдо кардани қарори зикргардида мебошад.

Созишномаи мазкур барои рушди фаъолонаи ҳамкориҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия барои ба низом даровардани тартиби баргардонидан, қабул ва таҳвили шахсоне, ки дар қаламрави якдигар бо вайрон кардани тартиби вуруд ва иқомати шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ қарор доранд, равона карда шудааст.

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи реадмиссия аз муқаддима ва 13 модда ва Протоколи иҷроия оид ба амалисозии Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи реадмиссия бошад, аз 12 модда иборат буда, 23-юми феврали соли 2022 дар шаҳри Душанбе ва 16-уми сентябри соли 2021 дар шаҳри Москва ба имзо расидаанд.

Дар муқаддима асосҳо барои баста шудани созишнома ифода ёфтааст.

Дар моддаҳои 1-4 вобаста ба мафҳумҳои асосие, ки дар созишномаи мазкур истифода бурда мешаванд, реадмиссияи шаҳрвандони давлатҳои Тарафҳо, дархост дар бораи реадмиссия ва муҳлатҳои ирсол ва баррасии дархостҳо барои реадмиссия мавриди танзим қарор гирифтаанд.

Дар моддаҳои 5-7 муҳлатҳои таҳвил ва қабули шахсоне, ки нисбати онҳо аз ҷониби Тарафи дархостшаванда барои реадмиссия розигӣ дода шудааст, тартиби транзити шаҳрвандони давлати сеюм ва шахсони бешаҳрвандӣ ва ҳифзи маълумоти хусусие, ки мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо ҳангоми мубодилаи онҳо ба даст меоранд, пешбинӣ гардидааст.

Дар моддаҳои 8-10 масъалаҳои вобаста ба хароҷотҳое, ки дар рафти таҳвили шахсони реадмиссияшаванда ба вуҷуд омадаанд, протоколи иҷроия вобаста ба амалинамоии созишномаи мазкур ва тартиби қатъ намудан ва аз нав шурӯъ кардани истифодаи созишномаи мазкур инъикос гардидааст.

Дар моддаҳои 11-13 бошад, тартиби ҳалли баҳсҳо вобаста ба тафсир ва амалинамоии созишнома, муносибат бо дигар созишномаҳои байналмилалӣ ва масъалаҳои эътибори қонунӣ пайдо намудан, тағйирот даровардан ва муҳлати амали созишномаи мазкур пешбинӣ гардидааст.

Протоколи иҷроия оид ба амалисозии Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи реадмиссия барои танзими пурраи масъалаҳои алоқаманд бо амалисозии созишнома равона шудааст. Протоколи мазкур дорои муқарраротимушаххас вобаста ба амалисозии созишнома мебошад.

Дар моддаҳои 1-3 доир ба мақомоти салоҳиятдори амаликунандаи муқаррароти созишнома, ҳуҷҷатҳое, ки далели мавҷудияти шаҳрвандии Тарафҳоро тасдиқ мекунанд ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки барои муайян кардани мансубияти шаҳрвандии шахси реадмиссияшаванда заруранд, мавриди танзим қарор гирифтаанд.

Дар моддаҳои 4-7 масъалаҳои суҳбатҳо байни мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо вобаста ба дархостҳо ва дигар мушкилотҳои бавуҷудомада, тартиби ирсол намудани дархостҳо дар бораи реадмиссия ва ҷавоб ба онҳо, инчунин тартиби ирсол намудани дархостҳо дар бораи транзит ва ҷавоб ба онҳо ва мушоияти шахси реадмиссияшаванда пешбинӣ гардидааст.

Дар моддаҳои 8-12 масъалаҳои вобаста ба расмиёти реадмиссия ё транзити шахсон тавассути сарҳади давлатии Тарафҳо, забони барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо, хароҷотҳое, ки дар рафти амалисозии реадмиссия ё транзит ба вуҷуд омадаанд, замимаҳо ба протоколи мазкур ва муқаррароти хотимавӣ инъикос гардидааст.

Нисбат ба лоиҳаи мазкур экспертизаи зиддикоррупсионӣ гузаронида, муайян карда шудааст, ки дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дида намешавад.

Созишнома ва протоколи мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надоранд. Бинобар ин, аз шумо вакилони муҳтарам, хоҳиш менамоям, ки тасдиқи созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Азимзода Толибхон Ситамурод дода мешавад. Марҳамат.

**Толибхон АЗИМЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи реадмиссия ва Протоколи иҷроия оид ба амалисозии Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи реадмиссия, ки 23-юми феврали соли 2022 дар шаҳри Душанбе ва 16-уми сентябри соли 2021 дар шаҳри Москва ба имзо расидаанд, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи талаботҳои моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи талаботҳои моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.



Созишнома ва протоколи мазкур тибқи Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагон таҳти рақами 1758 аз 21-уми августи соли равон ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои додани хулосаи ҳуқуқӣ супорида шудааст.

Ҳадафи асосии таҳия ва пешниҳоди созишнома ва протоколи мазкур гузаронидани расмиёти дохилидавлатӣ, яъне аз ҷониби Маҷлиси намояндагон тасдиқ намудани он барои эътибори қонунӣ пайдо намуданаш мебошад.

Мақсади дигар таъмини ҳамкориҳои муфид байни ҳар ду давлат барои ба низом даровардани тартиби баргардонидан, қабул ва таҳвили шахсоне, ки дар қаламрави якдигар бо вайрон кардани тартиби вуруд ва иқомати шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ қарордошта, арзёбӣ мегардад.

Мафҳуми «реадмиссия» ин таҳвил ва қабули шахсони дар ҳудуди давлатҳои якдигар қоидаҳои воридшавӣ, будубош ва иқоматро вайроннамуда буда, Тарафҳо дар самти мазкур барои ошкор намудани ҳолатҳои қонунвайронкунӣ ва дастгиру интиқол додани чунин шахсон ва пешгирии онҳо ҳамкорӣ менамоянд. Ин ҳамкориҳо якчанд амалро дар бар мегиранд:

а) шаҳрвандоне, ки бо вайрон намудани қонунгузории Тарафҳо ба ҳудуди ин давлатҳо ворид шудаанд, ғайриқонунӣ дар он будубош доранд;

б) шаҳрвандоне, ки аз муассисаҳои ислоҳии ҷазои ҷиноятӣ озод шудаанд;

в) шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандие, ки тариқи сарҳади Тарафҳо ворид шуда, талаботи қонунгузорӣ оид ба будубош ва иқоматро вайрон намудаанд.

Масъалаи хароҷот вобаста ба реадмиссия дар созишнома мушаххас муайян карда шудааст, ки уҳдадориҳои Тарафҳо арзёбӣ мегардад. Бояд қайд намуд, ки Федератсияи Россия ба ҳолати имрӯза бо давлатҳои зиёд созишномаҳои реадмиссияро ба имзо расонидааст.

Созишнома ва протоколро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳои пешниҳоднамудаашон ҷонибдорӣ намуданд.

Созишнома ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 7, 8, 9, ва 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ба талаботи санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони гиромӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи созишнома ва протоколи баррасишавандаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи реадмиссия ва Протоколи иҷроия оид ба тартиби амалисозии Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи реадмиссия» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Оид ба Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Озарбойҷон» шурӯъ менамоем.

Сухан ба муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Аламшозода Абдураҳмон Аламшо дода мешавад. Марҳамат.

**Абдураҳмон АЛАМШОЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқи Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Озарбойҷон» дар асоси моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Мақсади таҳияи лоиҳаи мазкур мустаҳкам гардидани муносибатҳо, беҳтар гардонидани ҳамкорӣ, бо назардошти дигаргун шудани вазъи ҷаҳони имрӯза ва пайдо шудани намудҳои нави ҷиноят мебошад.

Созишномаи мазкур барои рушди фаъолонаи ҳамкориҳо байни вазоратҳои корҳои дохилии Тоҷикистону Озарбойҷон дар самти мубориза бо ҷиноятҳорӣ, хусусан дар шаклҳои муташаккили он, равона карда шудааст.

Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни вазоратҳои корҳои дохилии Тоҷикистон ва Озарбойҷон дар шаҳри Душанбе 5-уми апрели соли 2023 ба имзо расида, аз муқаддима ва 18 модда иборат мебошад.

Дар муқаддима хоҳиши рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳорӣ ва ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дарҷ гардидааст.

Дар моддаҳои 1-3 созишномаи мазкур масъалаҳои интиқоли маълумоте, ки дорои сирри касбӣ ва давлатӣ, инчунин додан ва расонидани ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дахолат намекунанд, самтҳо ва шаклҳои ҳамкории Тарафҳо пешбинӣ шудааст.

Дар моддаҳои 4-7 оид ба рушди ҳамкории Тарафҳо, дархостҳо доир ба мусоидат, масъалаи рад карданӣ мусоидат ва иҷрои дархост аз тарафи дархосткунанда пешбинӣ гардидааст.

Дар моддаҳои 8-11 масъалаи ҳифзи маълумоти шахсӣ, маҳдудиятҳои истифодаи иттилоот ва ҳуҷҷатҳои гирифташуда, хароҷот ҳангоми иҷрои созишномаи мазкур ва истифодабарии забон зикр шудааст.

Дар моддаҳои 12-15 масъалаҳои ҳамоҳангсозии ҳамкорӣ, алоқаи бевоситаи Тарафҳо тавассути «Интерпол» ва муносибат ба дигар шартномаҳои байналмилалии созишнома дарҷ гардидааст.

Дар моддаҳои 16-18 масъалаҳои ҳалли ихтилофот, тағйиру иловаҳо ва эътибор пайдо кардан, муҳлат, амал ва қатъ шудани созишномаи мазкур пешбинӣ гардидааст.

Нисбат ба лоиҳаи мазкур экспертизаи зиддикоррупсионӣ гузаронида, муайян карда шудааст, ки дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дида намешавад.

Созишномаи мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо, вакилони муҳтарам, бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Абдуллоев Мироҷ Санонович дода мешавад. Марҳамат.

**Мироҷ АБДУЛЛОЕВ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ ва ҳозирини арҷманд!**

Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Озарбойҷон 5-уми апрели соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Созишномаи мазкур тибқи Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми августи соли 2023 таҳти №1757 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон, барои додани хулоса ва ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд. Созишномаи мазкур аз дебоча ва 18 модда иборат буда, бо мақсади рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳорӣ ва ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ба имзо расидааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, бо пешниҳоди хулосаҳо онро ҷонибдорӣ намуданд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 24-уми августи соли 2023 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дод. Созишномаи мазкур аз ҷониби иштирокдорони ҷаласа ҷонибдорӣ карда шуд.

Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Озарбойҷон ба талаботи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Озарбойҷон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар самти мусоидат ба шуғли аҳолии давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» оғоз менамоем.

Сухан ба вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Гулнора Кенҷа дода мешавад. Марҳамат.

**Гулнора ҲАСАНЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар самти мусоидат ба шуғли аҳолии давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки аз 28-уми майи соли 2021 дар шаҳри Минскi Ҷумҳурии Беларус ба тасвиб расидааст, ҷузъи ҷудонопазири Консепсияи ташаккули марҳилавии бозори умумии меҳнат ва танзими муҳоҷирати меҳнатии давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошад.



Созишномаи мазкур ба ҳайси механизми татбиқи Консепсияи ташаккули марҳилавии бозори умумии меҳнат ва танзими муҳоҷирати меҳнатии давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил имкон медиҳад, ки сиёсати мувофиқашудаи босамари давлатӣ дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва раванди муҳоҷирати меҳнатӣ байни кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил роҳандозӣ шавад.

Муҳтавои созишнома ҳамкориҳоро байни давлатҳои аъзои ИДМ дар самти фароҳамсозии шароити мусоид ҷиҳати ташаккули бозори умумии меҳнат, баланд бардоштани самаранокии тадбирҳо, барнома ва хизматрасониҳо аз ҷониби мақомоти давлатии дахлдор дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва танзими равандҳои муҳоҷират, ташкили низоми эътирофи мутақобилаи салоҳиятҳо, рушди касбии захираҳои меҳнатӣ, ҳаракати озодонаи қувваҳои корӣ байни давлатҳои аъзои ИДМ, мубодилаи иттилоот, мусоидат ба шуғли аҳолии дар бозори меҳнат осебпазир, аз ҷумла маъюбон, ҷавонон, занон ва шахсони аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноӣ озодшуда, муқовимат ба муҳоҷирати меҳнатии ғайриқонунӣ ва роҳандозии муҳоҷирати меҳнатии муташаккилонаро дар бар мегирад.

Масъалаҳои дар созишнома дарҷшуда хеле муҳим буда, барои ҳамкориҳои мутақобилаи судманд миёни давлатҳои аъзо, инчунин, миёни мақомоти ваколатдори кишварҳо дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва танзими равандҳои муҳоҷират заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Итминон дорам, ки ба тасвиб расидани ин созишнома ҳамкориҳоро миёни давлатҳои аъзои ИДМ дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва танзими равандҳои муҳоҷират ба сатҳи комилан нав баровaрда, дар баробари ин мушкилоти ҷойдошта байни давлатҳо дар соҳаҳои мазкур аз байн бардошта мешавад. Бинобар ин, аз шумо, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар самти мусоидат ба шуғли аҳолии давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро дастгирӣ намоед.

**РАИС: -** Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Шодизода Парвиз дода мешавад. Марҳамат.

**Парвиз ШОДИЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар самти мусоидат ба шуғли аҳолии давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки 28-уми майи соли 2021 дар шаҳри Минск ба имзо расидааст, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Созишномаи мазкур бо мақсади иҷрои вазифаҳои Консепсияи ташаккули марҳилавии бозори умумии меҳнат ва танзими муҳоҷирати меҳнатии давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 17-уми марти соли 2017 омода гардида, тибқи муқаррароти моддаи 8-и ин консепсия пас аз гузаронидани расмиёти дохилидавлатӣ аз ҷониби давлатҳои иштирокдор, эътибор пайдо мекунад.

(Давомаш дар саҳ. 6)

**Муҳтавои ин нуктаи фарогир аз он сар зад, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи апрели соли 2015 дар Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ дар маросими ифтитоҳи Форуми ҳафтуми ҷаҳонии об бо иштироки зиёда аз 30 ҳазор нафар ва намояндагони созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, олимону коршиносони ҷаҳонии соҳаи об суханронӣ намуда, аз натиҷаҳои Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об-барои ҳаёт» солҳои 2005 - 2015, ки ҳадаф - ду баробар кам кардани шумораи аҳолии ба оби нӯшокӣ ниёздошта буд, изҳори ақида намуданд.**

Зимни суханронӣ Сардори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки масъалаи норасоии оби нӯшокӣ мушкилоти як кишвар ё минтақаи алоҳида набуда, балки проблемаи умумиҷаҳонист, чунки он яке аз муҳимтарин омил барои зинда мондани инсоният аст. Созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ имрӯзҳо аз ташаббусҳои неки Тоҷикистон ҳарф мезананд ва ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои талошҳои пайваста

Об яке аз муҳимтарин моддаи кимёвии муҳити зист ва таркиби инсон буда, баъди ҳаво аз рӯи аҳамият дар ҷои дуюм қарор дорад. Пас чӣ бояд кард, ки оби нӯшокӣ ифлос ва кам нагардад? Ин мушкил ба худи инсон вобаста мебошад. Ин оби ошомиданӣ ба 35,029 млн.км$^3$ баробар аст, ки 69 фоиз дар пиряххои кӯҳӣ ва 30 фоизи он дар зери замин ҷойгир аст. Дар дарё ва дарёчаҳо ҳамагӣ 0,006 фоиз аз оби дунё барои нӯшокӣ ҷорист. Барои нигоҳ доштани фаъолияти инсони солим дар як шабонарӯз 2,5 литр об сарф мешавад. Агар инсон 10 фоизи обро аз ҷисмаш бой диҳад, ин ба вайрон шудани мубодилаи моддаҳои бадан оварда мерасонад. 25 фоиз кам намудани оби бадан марговар аст.

Дар Англия дар як шабонарӯз 100 литр об, дар Америка 250 литр ва дар Федератсияи Россия ба ҳисоби миёна 350 литр обро барои истеъмол сарф мекунанд.

Нарасидани оби тоза (нӯшокӣ) ба олудашавии обҳо аз боқимондаҳои обҳои саноат, механикӣ, нақлиётӣ ва хоҷагӣ вобастагӣ дорад. Обҳои ошомиданиро аз ҳама зиёдтар боқимондаҳои коғазу селлюлоза, металлургия, коркарди нефт, заводу фабрикаҳо, соҳаи кишоварзӣ ифлос мекунанд, вале инсон қодир аст бо роҳу усулҳои гуногун обро пок ва безарар намояд.

# МАСЪАЛАИ НОРАСОИИ ОБ ПРОБЛЕМАИ ЯК МИНТАҚАИ АЛОҲИДА НЕСТ



Ҳоло роҳҳои зерини тозакунии обҳо истифода мешавад: механикӣ, (техникӣ), кимиёвӣ ва биологӣ. Бо роҳи механикӣ тоза кардани об асосан тавассути панҷара, тӯр, филтр ва тагшинкунакҳо безарар мешавад.

Мувофиқи маълумоти олимони соҳаи кишоварзӣ, барои обёрии заминҳои корам қариб 25 фоиз об бо роҳи бухоршавӣ ва полоиш (филтратсия) нест мешавад. Олимон ҳоло роҳҳои аз бухоршавӣ ва полоиш эмин доштани ин сарвати бебаҳоро доранд, ки яке аз роҳҳои он якбора ба назди решаи растанӣ овардани об, яъне усули қатрагӣ мебошад.

Ҳоло дар ҷаҳон истифодаи об дар соҳаҳои саноат то 20 баробар, дар кишоварзӣ - 6 ва дар соҳаҳои хоҷагии коммуналӣ то 7 баробар афзудааст. Нобаробар ҷойгиршавии захираҳои об, пеш аз ҳама, ба сатҳи релеф ва омилҳои иқлимӣ сахт вобастагӣ дорад. Дар бисёр давлатҳои соҳили Халиҷ, баҳри Миёназамин, баҳри Каспий, инчунин, Япония ва ҷануби ИМА корхонаҳои махсуси филтркунонии оби баҳр ва аз он ҳосил намудани оби ошомиданӣ сохта шудааст. Байни давлатҳои дунё аз ҳама бештар Қувайт дар мавриди тозакунии об шуҳрат пайдо кардааст. Бисёр давлатҳои ҷаҳон солҳост, ки ба хариду фурӯши оби нӯшокӣ сарукор доранд. Масалан, ИМА аз Канада, Олмон аз Шветсия, Норвегия аз Нидерландия ва Арабистони Саудӣ аз Малайзия оби нӯшокӣ мехаранд. Ин рақобат ба сар задани муноқишаҳои ҷиддӣ ва низомӣ мусоидат карданаш аз эҳтимол дур нест. Комиссари олӣ ва рӯҳонии Ватикан - Франсиск моҳи январи соли 2018 дар яке аз конференсияҳои сатҳи ҷаҳонӣ эҳтимоли сар задани муноқишаҳои ҷаҳониро ба мушкилоти об рабт дода, зикр карданд: «Ҳуқуқ ба об яке аз муҳимтарин омил барои зинда мондани инсон ва ояндаи инсоният аст. Аз худ мепурсам, ки оё мо ба сӯи ҷанги бузурги ҷаҳонӣ барои об равона нестем. Рақамҳое, ки СММ интишор намудааст, наметавонад моро бетараф гузорад. Ҳар рӯз ҳазорон кӯдак аз бемориҳое, ки ба об вобастаанд, мефавтанд. Миллионҳо нафар оби ифлосро истеъмол мекунанд. Бояд таваққуф кард ва ин вазъиятро беҳтар намуд. Хушбахтона, ин ғайриимкон нест, аммо фаврӣ аст». Ин ҳушдори ҷаноби Франсиск коршиносону сиёсатмадоронро водор менамояд, ки дар атрофи ин мушкилоти пурмуноқиша боз ҳам зичтар муттаҳид бошанд.

Алҳол дар як қатор давлатҳо хатҳои нефту газ ба воситаи хати қубурҳои трансокеанӣ аз Гренландия ва Антарктида ба Аврупо ва аз дарёи Амазонка ба қитъаи Африқо гирифтани об танзим шудааст. Хушбахтона, кишвари мо - Тоҷикистон аз чунин мушкилӣ дар канор аст. Ҳоло ба ҳар як сокини ҷумҳурӣ соле 12000м$^3$ об рост меояд ва аз рӯйи ин нишондод, кишвари мо дар байни давлатҳои ИДМ ҷойи аввалро мегирад.

Обҳои минералие, ки мувофиқи таркиби кимиёвиашон ба саломатии инсон фоида доранд, дар кишвари мо фаровонанд. Макони обҳои шифобахш чашмаҳои кӯҳист, ки дар Тоҷикистон адади онҳо зиёда аз 150-то мебошанд. Обҳои минералие, ки хусусияти табобатӣ доранд, инҳо Шоҳамбарӣ, Оби гарм, Хоҷа оби гарм, Гармчашма, Ҳавотоғ мебошанд. Муҳимтарин роҳи ҳифзи об, пеш аз ҳама, истифодаи оқилонаи он аст. Умуман, тоза нигоҳ доштани об ва маҷрои ҷӯю дарёҳо, риояи меъёри обёрӣ, ба роҳ мондани технологияи муфиди истифодаи саноатии об на танҳо вазифаи ҳамешагии як шахси масъул, балки қарзи ҳар як шаҳрванд ба ҳисоб меравад.

Кишвари мо, инчунин, аз дарёҳо бой аст. Дарёҳои асосии Тоҷикистон Ому, Панҷ, Сир, Вахш, Зарафшон мебошанд. Панҷ яке аз дарёҳои калонтарин буда , дар тӯли 921 км қад-қади сарҳади ҷанубии ҷумҳурӣ ҷорӣ шуда, аз якчанд шохоб, аз ҷумла, Шоҳдара, Бартанг, Мурғоб, Оқсу, Ванҷ ва ғайраҳо иборат мебошад.

Дарёи Ому аз ҳудуди ҷумҳурӣ ҷорӣ шуда, аз сарҳади ИДМ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мегузарад. Он 2294 км тӯл дошта, асоси ғизогирии дарёро пиряххо ташкил медиҳанд. Ҳамаи ин дарёҳо боигарии табиӣ буда, Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари сайёҳӣ муаррифӣ мекунанд.

Дар дарёҳои Тоҷикистон бунёди як қатор неругоҳҳои нисбатан хурд ва бузурги барқи обӣ пешбинӣ гардидааст, аз ҷумла дар дарёи Хингоб сохтмони 5 неругоҳ, дарёи Сурхоб - 4, дар дарёи Зарафшон ва дар Фондарё - 4 неругоҳ. Бо вуҷуди татбиқи ин лоиҳаҳо ҳамагӣ 5-7 фоизи захираҳои гидроэнергетикии мо мавриди истифода қарор гирифта, захираҳои бузург боқӣ хоҳад монд.

Табиат дар назди мо чун китоби кушода аст ва мо бояд онро эҳтиёткорона мутолиа намоем, зеро зиндагии мо бо он вобастагӣ дошта, инсон як ҷузъи он аст. Воқеан, омӯхтани асрори табиат ба осонӣ ба ҳар шахс муяссар намешавад. Қонуниятҳои экологӣ аз мо танҳо талаб мекунад, ки муносибатҳои бераҳмонаи худро нисбат ба табиат ба куллӣ тағйир диҳем. Табиатро аз нестшавӣ, ҳаворо аз заҳролудшавӣ, обро аз ифлосшавӣ ва хокро аз эрозия шудан нигоҳ дорем.

дар самти ҳалли масоили об изҳори сипос менамоянд. Ин иқдом аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон ба ҳалли мушкилоти мардумони кишварҳои дигар бетафовут нест.

Бояд ёдовар шуд, ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид соли 2003-юмро «Соли байналмилалии оби тоза» эълон намуда буд. Ба ин хотир, дар Душанбе моҳи сентябри соли 2003 Форуми байналмилалӣ баргузор шуд, ки дар он 54 мамлакат, намояндагони беш аз 20 созмони байналмилалӣ, ходимони давлатӣ, олимон ва намояндагони ташкилотҳои гуногуни ҷаҳонӣ ширкат варзиданд.

Ин форум як навъ иқдоми башардӯстонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки дар Ҷаласаи 55-уми Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид соли 2001 садо дода буд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи оби тозаро дар кураи Замин яке аз масъалаҳои аҳамияти ҷаҳонидошта ба миён гузошта, таъкид намуданд: «Тоҷикистон чун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар шароити глобализатсия аз муаммоҳои дар назди инсоният истода канор буда наметавонад».

Мушкилоти дастрасӣ ба оби тоза вобаста ба афзоиши аҳолӣ ва соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ рӯз ба рӯз зиёд шуда истодааст. Ин раванд, ки яке аз мушкилоти асосӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад, моро водор мекунад, истифодаи оқилонаи обро ба роҳ монем. Агар 75 дарсади рӯи Заминро об ишғол карда, захираи он аз 1, 5 миллиард км мураббаъ зиёд бошад ҳам, ҳоло беш аз 2, 6 миллиард мардуми сайёра аз оби ошомиданӣ танқисӣ мекашанд. Ҷумҳурии мо аз ин мушкилот, хушбахтона дар канор буда, аз ҷиҳати обҳои тозаи ошомиданӣ дар байни давлатҳои ИДМ ҷои намоёнро ишғол менамояд. Дар қаламрави мамлакат зиёда аз 60 фоизи захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, истифодаи оқилона, тоза нигоҳ доштани оби чашмаю дарёҳо ва ҳифзи манбаъҳои об, ки кишварҳои поёноб аз он истифода мебаранд, яке аз вазифаҳои муҳими ҳар як сокини Тоҷикистон мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оқилона истифода бурдани захираҳои обӣ чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Чунончи, соли 2001 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсия «Оид ба оқилона истифодабарӣ ва муҳофизати захираҳои обӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оби тоза ва санитария» ва «Кодекси об» - ро қабул намуд.

Инсон муҳофизи табиат аст ва боигариҳои табиат, аз ҷумла обро бояд дилсӯзона муҳофизат кунад, чунки бе об ҳаёт вуҷуд дошта наметавонад. Аз ин ҷост, ки обро ҳастии табиат ва хуни замин, омили асосии манбаи ҳаёти инсон, ҳайвонот, наботот ва табиат маънидод кардаанд. Дар сайёраи Замин об бисёр аст, вале оби ошомиданӣ хеле кам мебошад. Рушди хоҷагии қишлоқ - соҳаи муҳими хоҷагии халқ, омили асосии таъмини амнияти озуқаворӣ аз об вобастагии бештар дорад. Истифодаи об дар ин соҳа ба нуфузи аҳолӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ вобаста аст.

Академик В. И. Вернадский чунин мегӯяд: «Об манбаи асосии ҳаёт дар ҳалли мушкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ буда, яке аз муҳимтарин ва созандатарин сохтори тамоми мавҷудоти зинда ва ташаккулдиҳандаи манбаъҳои асосии ҳаёт дар сайёраи Замин мебошад».

Донишмандон дар натиҷаи тадқиқотҳои судманди худ муайян намуданд, ки ҳаҷми умумии гидросфера гарчанде ниҳоят бузург бошад ҳам, вале 96 фоизи обҳои рӯи Заминро обҳои шӯр ва талхи уқёнусҳо, баҳрҳо ва кӯлҳо ташкил медиҳанд. Дар қабати гидросфера ҳамагӣ 2,5 фоизи обҳои тозаи ошомиданӣ вуҷуд доранд, 97,5 фоизи обҳои боқимонда қобили истифода нестанд.

Афзудани шумораи одамон сол аз сол оби тозаро ифлос ва ин боигарии табиатро кам карда истодааст.

**Навҷувон ШАРИФОВ,**
**Ғулом ҒАРИМАДОВ,**
**омӯзгорони кафедраи «Математикаи олӣ»-и Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб**

# ҚАБУЛИ 60 САНАДИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ МАРБУТ БА ЗАНОН



**Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон замони соҳибистиқлолии мамлакат таъсис ёфта, фаъолияташ ба масоили бонувон, ҳалли мушкили рӯзгори онҳо, оилаву оиладорӣ ва баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа равона гардидааст. Оид ба саҳми бонувон дар рушди ҷомеаи навин хабарнигори рузнома бо муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оила Умеда Абдуллозода суҳбат доир намуданд.**

**- Дар тӯли сию ду соли истиқлолияти давлатӣ мақому мавқеи бонувони мамлакат дар ҷомеа то чӣ андоза тағйир ёфт?**

- Аз аввали солҳои ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба мавқеъ ва ҷойгоҳи занон дар ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Соли 1991 Кумитаи кор бо занон ва оила таъсис ёфт, ки ҳадаф аз он устувор намудани мавқеи занон дар ҷомеа, ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба оила ва занон, таъмини иштироки фаъоли занон дар идоракунии давлатӣ, ба шуғлу касбомӯзӣ фаро гирифтани занон, дастгирии онҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ ва хизматрасонии баланди тиббӣ ба занону кӯдакон мебошад.

Дар идомаи ин иқдом, бо мақсади таъмини иштироки фаъолонаи занон дар ҳаёти ҷамъиятию давлатӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» аз 3-юми декабри соли 1999 ба имзо расид, ки онро метавон санади тақдирсоз арзёбӣ намуд. Баъд аз ба тасвиб расидани санади мазкур бонувони лаёқатманду донишманд ба корҳои давлатӣ, вазифаҳои роҳбарикунанда бештар ҷалб гардиданд. Ҳоло дар мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ яке аз муовинони роҳбарони аввал занон таъин мегарданд.

Қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба татбиқи сиёсати гендерӣ ва таъмини баробарҳуқуқии мардону занон заминаи устувори ҳуқуқӣ гузоштанд.

Дар се соли охир бо супориши Сарвари давлат ба мақсади беҳбуд бахшидани ҳаёти занон дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, касбомӯзӣ, соҳибкорӣ, барои расидан ба ҳадафҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», яъне то ба 30 фоиз расонидани хизматчиёни давлатӣ ва ба 25 фоиз расонидани кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занон, ду санади муҳим - «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2023-2030» қабул гардид. Умуман, дар самти мазкур зиёда аз 60 санади меъёрии ҳуқуқӣ ба тасвиб расид.

**- Метавон гуфт, ки қабули қарору қонун ва санадҳои меъёрии зикршуда боиси беҳбудии кору рӯзгори бонувони ҷумҳурӣ гардид?**

- Албатта, истиқлолияти давлатӣ ба бонувон имкон фароҳам овард, то ба тамоми зинаҳои таҳсилот ва кор дар соҳаҳои гуногун дастрасии комил дошта бошанд ва дар идоракунии давлат иштирок намоянд. Натиҷаи роҳандозӣ гардидани тадбирҳои судманд ва татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ мебошад, ки сол аз сол фаъолияти занон дар ҳамаи соҳаҳо баръало мушоҳида гардида, ба қавли Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «... ҳоло соҳае нест, ки занону бонувони тоҷик дар он фаъолияти пурсамар надошта бошанд».

Имрӯз бонувон ба ҳайси муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Раиси Маҷлиси намояндагон ва раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафири фавқулода, раисони шаҳру ноҳияҳо, муовинони роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ фаъолият доранд. Дар маҷмӯъ, ҳоло аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувон ташкил медиҳанд, ки нисбат ба соли гузашта мутаносибан 118 ва 49 нафар зиёд аст.

Аз 63 нафар вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 16 нафар бонувонанд. Ҳашт нафар аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро занон ташкил менамоянд.

Ҳоло занон дар соҳаҳои маориф беш аз 73 фоиз, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ - 68, фарҳанг - 51, бонкдорӣ - 38,5 ва илм 27 фоизро ташкил медиҳад.

Таҳсили духтарон дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ, хоса дар зинаи таҳсилоти касбӣ, мушкилии ҷиддӣ ба ҳисоб мерафт. Ба хотири ҷалби бештари духтарон ба касбомӯзӣ бо ташаббуси Пешвои миллат Квотаи президентӣ таъсис ёфт. Тибқи таҳлилҳо, ҳоло идомаи таҳсили духтарон аз 19 фоизи солҳои аввали ба даст овардани соҳибистиқлолӣ ба 80 фоиз баробар гардидааст.

То имрӯз 12 ҳазор духтар тибқи Квотаи президентӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакатро хатм намуда, саҳми хешро дар пешрафти ҷомеа гузошта истодаанд. Соли 2008 дар назди Кумитаи кор бо занон ва оила Муассисаи давлатии «Маркази таълимии «Чароғи ҳидоят» барои истиқомати 100 нафар духтарони ятим ва нимятим таъсис дода шуд.

Ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб намудани занону духтарон ва рушди соҳибкории хурду миёна, таъмини занон бо ҷои кор ва барои онҳо фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлату Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад. Месазад зикр намуд, ки аз соли 2006 то имрӯз теъдоди грантҳои президентӣ ба 80 адад (ҳар кадом аз 20 то 40 ҳазор сомонӣ) расид. Барои дастгирии занони соҳибкор аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ ба 467 ҳазору 392 нафар зан 2 млн. 217 ҳазору 510 сомонӣ қарз дода шудааст. Мувофиқи маълумот, дар ҷумҳурӣ 89 273 зан фаъолияти соҳибкорӣ дошта, 37 ҳазору 674 нафар роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд.

**- Ҳалли мушкилоти бонувон дар маҳалҳо ба фаъолияти сохторҳои минтақавии кумита низ вобаста мебошад. Шуъбаҳои кор бо занон ва оила аз уҳдаи ин вазифа баромада метавонанд?**

- Албатта, дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ ҳамаи сохторҳои кумита бо такя ва ҳамкорӣ бо ниҳодҳои дигари давлатӣ дар ҳалли мушкилоти бонувон таҷриба андӯхта, мутахассисони ботаҷрибаю масъулиятшиносро низ тарбия намудаанд. Масъулин мекӯшанд аз ҳар мушкилу норасоии бонувон сари вақт огаҳӣ пайдо намуда, дар ҳалли онҳо мусоидат намоянд. Илова бар ин, раёсат, шуъба ва бахшҳои кор бо занон ва оила сиёсати гендериро дар сатҳи маҳал татбиқ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавиро амалӣ созанд.

Аз ҷониби онҳо бо мақсади ба шуғл ва касбомӯзӣ фаро гирифтани занону духтарон, эҳёи анъанаҳои миллӣ, ҷалби духтарон барои гирифтани маълумоти олӣ, пойдории оилаҳо, рушди соҳибкории занон ва бартараф намудани ҳама гуна ҳолатҳои номатлуб дар ҷомеа чорабиниҳои гуногуни маърифатию фарҳангӣ ва таблиғотию ташвиқотӣ баргузор мешавад, аммо ин маънии онро надорад, ки ҳоло дар ҳаёти бонувон мушкилӣ вуҷуд надорад. Дар ин самт баъзе мушкилоте мавҷуд аст, ки барои ҳалли он на танҳо кумита ва шуъбаҳои он дар маҳалҳо, балки ҷомеа ва сохторҳои дигар низ бояд мусоидат намоянд.

**Н. НИЗОМӢ,**
**«Садои мардум»**

Ҳушдор

# АСРИ ИТТИЛООТ. АЗ ЧӢ БОЯД ЭҲТИЁТ ШУД?

**Иттилоъ, ки ба андешаи коршиносон қудрати сафарбарнамоӣ дорад, аслан барои ду ниҳод: хабарнигорон ва созмон ё гурӯҳҳое, ки ҳадафҳои мушаххас доранд, аслиҳа ба ҳисоб меравад. Журналистон иттилоъро сарфи назар аз он ки мусбат аст ё манфӣ ба ҷомеа мерасонанд, аммо бештари иттилое, ки имрӯз баъзе созмон ё гурӯҳҳои алоҳида паҳн месозанд, муғризонаанд.**



**ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ВА ТЕРРОРИЗМ**

Ифротгарои дин нафаре шинохта мешавад, ки дар фаҳмиши меъёрҳои дин ва дар амал кардан аз ҳад мегузарад.

Ба гуфти коршиносон, ин тоифа аз таълимоти асили динӣ дур монда, динро ба таври рӯякӣ, маҳдуд, танг мефаҳманд ва дар доираи ҳамин фаҳмиши худ амал менамоянд. Талош мекунад тафаккур ва зиндагии дигаронро ба тарзи тафаккур ва зиндагии худашон монанд созанд. Яъне, ҳам идеологияи мардумро тағйир додан мехоҳанд, ҳам сиёсати давлатдориро. Ташвишовар он аст, ки ҳоло ин гурӯҳҳо дар фазои интернет, ки босуръаттарин роҳи паҳн намудани иттилоот аст, хеле фаъол мебошанд.

Барои пешгирии ин раванд ва ҳимояи фазои иттилоотӣ аз ҷониби сохторҳои қудратии мамлакат чораҳои зиёде андешида мешавад. Тибқи маълумоти дастрас Суди Олии Тоҷикистон, аз соли 2006 то соли 2019 фаъолияти 18 созмону гурӯҳро террористӣ ва ифротгаро эътироф ва фаъолияташонро дар қаламрави кишвар (онҳо дар қаламрави дигар давлатҳо ба фаъолияти ифротгаройӣ ва террористӣ машғуланд) манъ намудааст. Инҳо «Ал-Қоида», «Ҳаракати исломии «Туркистони Шарқӣ», «Ҳизби исломии Туркистон», «Ҳаракати «Толибон», «Бародарони мусалмон» (Ихвон-ул-Муслимин), «Лашкари Тайиба», «Гурӯҳи исломӣ» («Ҷамъияти исломии Покистон»), «Ҷамъияти Таблиғ», «Созмони таблиғот», «Тоҷикистони озод», «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Салафия», «Гурӯҳи 24» «Давлати исломии Ироқу Шом (ДИИШ баъдан «Давлати исломӣ»), «Ҷабҳат-ан-Нусра», «Ҳизби наҳзати исломӣ» «Паймони миллии Тоҷикистон» мебошанд. Албатта, ин гурӯҳҳо, тибқи қонунгузорӣ дар ҳудуди кишвари мо ҳуқуқи фаъолият кардан надоранд, аммо ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки мо дигар аз ин хатар эмин мебошем. Мушкил ин аст, ки чун ин гурӯҳҳо ба воситаи шабакаи интернет дар бисёр кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон низ фазо сохта, боиси гумроҳии баъзе ҷавонон гардиданд.

- Аз таҳлилҳое, ки чанде пеш доштем, маълум гардид, ки шомил шудани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ нисбат ба солҳои қаблӣ кам гардидааст. Барои пешгирии ин тамоюл Ҳукумат ва ниҳодҳои қудратии он дар ноҳияҳои мамлакат чорабиниҳои зиёд гузаронданд, ки ин хуб аст, аммо кофӣ нест, зеро 99 дарсади ҷавонони мо, дар фазои маҷозӣ, ки терроризму ифротгаройӣ тарғиб мешаванд, ҳузур доранд, - гуфт директори Институти омӯзиши масъалаҳои Осиё ва Аврупо Ёрмаҳмад Ниёзӣ.

Гурӯҳи дигар ба фарқ аз ифротгароёну террористон бе яроқанд, аммо дар маҷмӯъ, ҳадафҳои монанд доранд. Ин гурӯҳҳо низ манофеи худро тавассути иттилоърасонӣ амалӣ менамоянд.

Омӯзиши фазои иттилоотӣ, хосса шабакаҳои иҷтимоии «Фейсбук», «Ютуб», «Инстаграмм» нишон медиҳад, ки ин гурӯҳҳо мардумро аз тариқи ин шабакаҳо ҳадафмандона мағзшӯйӣ менамоянд. Бисёр маврид ба иттилои муғризона, ноаён ба зеҳни ҷавонони ҳанӯз маърифати сиёсию ҳуқуқиашон шакл нагирифта як навъ рӯҳия норозигӣ нисбат ба сиёсати давлатӣ ба вуҷуд оварда, (ҳадафи асосиашон ҳамин аст) онҳоро ба «таҳаввулот» даъват месозанд. Чунончи, аз воқеаҳои нохуше, ки соле қабл дар ВМКБ рух дод. Дар ҳамон айёми барои кишвари мо ҳассос тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ҳар гуна матолиби дурӯғу иғвоангез паҳн намуда, амалҳои зиддиқонунии баъзе ҷавононро дуруст ва қаҳрамонӣ мехонданд.

Сардори Раёсати таъминоти иттилоотии Маркази тадқиқоти стратегӣ Зубайдулло Давлатов иброз дошт, ки:

- «Албатта, ба воситаи интернет андешаи инсонро дар як ё ду моҳ тағйир додан ғайриимкон аст, аммо ин амал метавонад оҳиста - оҳиста анҷом пазирад. Рушди технология ва интернет, ки ҳама ба он дастрасӣ доранд, имкон фароҳам оварда, ки ҳар кас ҳар иттилоеро мехоҳад паҳн менамояд, аммо ин фазо манбаи боэътимод нест. Ташвишовар он аст, ки мардум инро камтар сарфаҳм меравад. Агар хоҳем тарзе кунем, ки иттилои иғвобарангези душманони миллатамон ворид нагардад, ин ғайриимкон аст. Фақат лозим аст тафаккури шаҳрвандонро тағйир диҳем. Онҳо бояд тафаккури таҳлилӣ дошта бошанд. Манбаи иттилоъро аз якчанд расона ҷустуҷӯ ва онро тафтиш кунанд».

**ТАҲМИЛИ ФАРҲАНГИ БЕГОНА**

Мушкили дигар ин аст, ки баробари рушди воситаи иттилоърасонӣ ва ихтирои дастгоҳҳои ҷадид, фарҳанги ғайр таҳмил мешавад. Чунин вазъияте, ки дар ҷаҳони муосир пеш омадааст, албатта, барои ҳамаи халқу миллатҳо нигаронкунанда мебошад, зеро фарҳанг воситаи муҳими ҳастӣ ва муаррифии ҳар миллати хос аст.

Тавре фарҳангшинос Дилшод Раҳимӣ зикр намуд: «Фарҳанг низ ташаккул меёбад, зеро падидаи зиндаи ҳаёт аст. Фарҳанги ҷаҳонӣ, ки фарҳанги тоҷик як ҷузъи он аст, пеш меравад ва фарҳангҳои гуногун ба ҳам омезиш меёбанд. Омезиши фарҳангҳо барои ҳар қавму халқу миллат таъсири манфӣ дорад, зеро намунаҳои фарҳанги бегона тадриҷан унсурҳои фарҳанги худиро фишор дода, мавқеашонро соҳиб мешаванд. Ин омезишу резиши фарҳанги бегона ба ҳувияти фарҳанги ҷавонон беасар намемонад. Чун фарҳангу арзишҳои дигари маънавӣ ба унсурҳои бегона махлут шуданд, ҳувият заиф мегардад».

Воқеан чунин аст. Таъсири манфиро ҳоло дар ороиши мӯй, рӯй, тарзи либоспӯшии ҳам бонувон ва ҳам мардон, рақсу суруду мусиқӣ ва дигар арзишҳои фарҳангӣ ошкоро метавон мушоҳида намуд.

Ин мисолҳо исбот менамоянд, ки фазои иттилоотӣ ва интернет (ҳарчанд садҳо мушкиламонро осон менамоянд) бехавф нестанд. Ин фазо ҳоло майдони набард аст: набарди идеологӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ. Агар дар бархӯрд бо чунин муносибат зирак ва қавӣ набошем, мағлуб хоҳем шуд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 418164 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои таъмирӣ дар бино ва ҳудуди маҷмаа, боғи «Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.10.2023 10:35:00 |
| 2 | 418141 | Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Суғд | Телевизор, гул ва сипоснома | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 20.10.2023 15:05:05 |
| 3 | 418142 | Беморхонаи ноҳиявии №2-и Ҷамоати деҳоти Ёваи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Таъмири намои бинои асосии беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 20.10.2023 15:10:10 |
| 4 | 418143 | Муассисаи давлатии «Таваллудхонаи шаҳрии №1» | Молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 20.10.2023 15:35:34 |
| 5 | 418147 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Керосин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 20.10.2023 16:30:00 |
| 6 | 418144 | Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобинои шаҳри Ҳисор | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 20.10.2023 16:46:46 |
| 7 | 418149 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Автомашинаи барфборкунандаи белчадор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 20.10.2023 17:05:32 |
| 8 | 418148 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббӣ»-и шаҳри Хоруғ | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 20.10.2023 17:10:00 |
| 9 | 418152 | Муассисаи давлатии «Маркази саратоншиносӣ»-и вилояти Суғд | Реактиви кимиёвӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 23.10.2023 08:00:00 |
| 10 | 418153 | Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Пленкаҳои рентгенӣ ва соликлони АБД | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 23.10.2023 08:00:00 |
| 11 | 418154 | Беморхонаи ноҳиявии №1-и Ҷамоати деҳоти Хиставарзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 65 | 23.10.2023 08:00:00 |
| 12 | 418155 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 23.10.2023 08:35:35 |
| 13 | 418156 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Кашидани хатти оби нӯшокӣ ва қувваи барқ дар маҳаллаи Навободи Ҷамоати деҳоти Палдораки ноҳияи Мастчоҳ (корҳои сохтмонӣ ва хобонидани қубурҳои обрасонии полиэтиленӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.10.2023 08:35:35 |
| 14 | 418157 | Мақомоти муассисаҳои сохташавандаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Сохтмони «Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳудуди майдони «Парчами давлатӣ» дар маркази Ҷамоати шаҳраки Ғафуров | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.10.2023 08:35:35 |
| 15 | 418158 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №13 «Офтобак»-и шаҳри Бӯстон | Техникаи маишӣ, қолин, линолеум, мебел ва рахти хоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 23.10.2023 08:35:35 |
| 16 | 418159 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №2 «Ситора»-и шаҳри Гулистон | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 39 | 23.10.2023 08:35:35 |
| 17 | 418150 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюби «Чорбоғ»-и ноҳияи Варзоб | Таҷҳизоти техникӣ ва техникаи маишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 23.10.2023 09:00:00 |
| 18 | 418160 | Беморхонаи марказии ноҳияи Шаҳринав | Таъмири ҷории намои бинои беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.10.2023 09:15:00 |
| 19 | 418151 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 23.10.2023 09:40:00 |
| 20 | 418161 | Маркази саломатии шаҳрии №5-и шаҳри Хуҷанд | Ивази тирезаи витражи даромадгоҳи марказ (ҳаҷм - 86 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.10.2023 10:00:00 |
| 21 | 418165 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №1-и шаҳри Хоруғ | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 23.10.2023 10:40:00 |
| 22 | 418008 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Хоруғ | Таъмири ҷории бинои Филиали муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.10.2023 11:00:00 |
| 23 | 418163 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №22-и ноҳияи Спитамен | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 27 | 23.10.2023 13:00:00 |
| 24 | 418166 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №16»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 39 | 23.10.2023 13:00:00 |
| 25 | 418167 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и ноҳияи Спитамен | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 26 | 23.10.2023 13:00:00 |
| 26 | 418168 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ - коркард ва иҷрои барҷастаи мозаикаи флорентинӣ бо нақшунигори миллӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.10.2023 14:00:00 |
| 27 | 418169 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ - насби дарҳои чӯбини то 3 $м^2$ ба масоҳати 42,42 $м^2$, насби дарҳои чӯбини зиёда аз 3 $м^2$ ба масоҳати 61,61 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.10.2023 14:00:00 |
| 28 | 418170 | Мақомоти муассисаҳои сохташавандаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Корҳои ободонӣ ва кабудизоркунии даромадгоҳи бинои маъмурии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.10.2023 14:00:00 |
| 29 | 418171 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34 ба номи Д. Зокирови Ҷамоати деҳоти Хиставарзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 23.10.2023 14:25:25 |
| 30 | 418173 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, электрикӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва маҳсулоти чопӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 23.10.2023 15:00:00 |
| 31 | 418174 | Муассисаи давлатии «Назорати ҳолати мелиоративии заминҳо ва истифодаи об»-и АБЗ ва О | Тоза кардани заҳбуру заҳкаш дар мавзеъҳои Таггози Ҷамоати деҳоти Птуп, Шитхарви Ҷамоати деҳоти Вахон, Вранги Ҷамоати деҳоти Вранги ноҳияи Ишкошим | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.10.2023 15:10:00 |
| 32 | 418181 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, варзишӣ ва техникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 41 | 12.10.2023 17:00:00 |
| 33 | 418175 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрӣ»-и №9-и шаҳри Душанбе | Мебел, таҷҳизот ва таҷҳизоти дандонпизишкӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 23.10.2023 15:20:00 |
| 34 | 418178 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Пиёзаки гули лола | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 23.10.2023 16:15:44 |
| 35 | 418172 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ - рӯйпӯш кардани пойдевори бино бо сангҳои ороишӣ аз гранит) ҳаҷм - 400 $м^2$ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.10.2023 16:16:16 |
| 36 | 418179 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Пиёзаки гули лола | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 23.10.2023 16:20:02 |
| 37 | 418180 | Муассисаи давлатии «Хона - интернати пиронсолон ва маъюбон»-и шаҳри Турсунзода | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 40 | 23.10.2023 16:24:28 |
| 38 | 418182 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Пиёзаки гули лола | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 23.10.2023 16:29:04 |
| 39 | 418183 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии №8»-и шаҳри Душанбе | Мебел, таҷҳизот ва асбоби тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 23.10.2023 16:35:00 |
| 40 | 418176 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 52 | 23.10.2023 16:36:36 |
| 41 | 418184 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шифобахш» | Мавод барои дезинфексия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 23.10.2023 16:55:00 |
| 42 | 418185 | Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи вилояти Хатлон | Маводи канселярӣ, хоҷагидорӣ ва картриҷ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 23.10.2023 17:15:55 |
| 43 | 418186 | Беморхонаи клиникии ба номи Б.Воҳидови Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 23.10.2023 17:20:50 |
| 44 | 418188 | Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 24.10.2023 09:10:00 |
| 45 | 418187 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и ноҳияи Тоҷикобод | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 25 | 24.10.2023 10:00:46 |
| 46 | 418190 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5 ба номи Абдуғаффор Ҳасанови Ҷамоати деҳоти Хиставарзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 24.10.2023 10:10:10 |
| 47 | 418189 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Пломбаҳои рақамдор ва шаҳодатномаҳои хизматӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 24.10.2023 10:20:00 |
| 48 | 418191 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббии шаҳрии №1 ба номи Қ. Ахмедов» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.10.2023 11:25:00 |
| 49 | 418192 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 24.10.2023 14:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БДА ЧТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонат-мобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғол намудани мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон менамояд:

**Номи мансаб:**

Бахши минтақавии Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ:

- мутахассис – 1 воҳиди корӣ (таҳсилоти олӣ дар соҳаи идоракунии хариди давлатӣ ё таҳсилоти олии иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё хизмати давлатӣ), маоши мансабӣ - 1007 сомонӣ.

Малакаи хуби роҳбарӣ, муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ, кор бо компютер ва таҷҳизоти коммуникатсионии идоравӣ, донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ барои ҳамаи довталабон ҳатмист.

Ба бонувону занҳо ва шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд, забонҳои хориҷиро медонанд, инчунин унвонҳои соҳавии илмӣ доранд, афзалият дода мешавад.

**Довталабон ба комиссияи озмунӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ (шакли муқарраршуда);
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо ду дона расми андозаи 4х6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи таҳсилот;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи собиқаи меҳнатӣ (дафтарчаи меҳнатӣ);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсони дорои ухдадории ҳарбӣ);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038);
- нусхаи гувоҳинома аз мақомоти андоз (РМА);
- маълумотнома аз ҷои зист;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома дар бораи надоштани доғи судӣ (аз Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Довталабон метавонанд ҳуҷҷатҳои мазкурро тавассути суроғаи электронии info@zakupki.gov.tj ё бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотта Руставелӣ - 22 пешниҳод карда, маълумоти иловагиро дар хусуси низоми озмун, салоҳият ва вазифаҳои мансабӣ ба воситаи телефонҳои 227-66-21, 227-66-79 ё сомонаи www.zakupki.gov.tj дастрас намоянд.

Мӯҳлати ниҳоии қабули ҳуҷҷатҳо 21 рӯз пас аз нашри эълони мазкур дар воситаҳои ахбори омма (то соати $17^{00}$) муқаррар мешавад.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Шаҳодатнома, Иқтибос ва РМА -и гумшудаи ҶДММ «Сафари Ҷайҳун» (РЯМ 4010002682, РМА 400004874), ки соли 2007 дар Нозироти андози ноҳияи Ёвон ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, эътибор надоранд.

✓Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматии гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Норак 29-уми апрели соли 2002 бо суроғаи шаҳри Норак, кӯчаи Набережный, бинои 18, хонаи 8 ба НБО-и Норак додааст, эътибор надорад.

✓Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Қубодиён 7-уми сентябри соли 2017 ба Мунаваров Оятулло Ҳикматуллоевич (РЯМ 3230047498, РМА 3251329702) додааст, эътибор надорад.

✓Патенти № 00640805-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 24-уми марти соли 2010 ба Зарифов Эсо Иброҳимович (РЯМ 6030018436) додааст, эътибор надорад.

✓Патенти № 0027957-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 15-уми феврали соли 2013 ба Ғиёсов Сайфулло Достонович (РЯМ 6030068697, РМА 605103139) додааст, эътибор надорад.

✓Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2022 ба Бозоров Абдулвосид Собирович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе соли 2015 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Крупская, ҳавлии №12 ба Умарова Зайнаб додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи дуюми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 15-уми декабри соли 1994 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Крупская, ҳавлии №12 ба Умарова Зайнаб Маҳрамовна додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи ҳадяи ДШ № 0600590-и гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 28-уми марти соли 2015 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Крупская, ҳавлии №12 ба Қурбоналии Маҳмадрозӣ додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи қонунигардонии молу мулк, ки онро Комиссияи қонунигардонии молу мулки ноҳияи Фирдавсӣ 29-уми декабри соли 2008 таҳти рақами 2235 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Крупская, ҳавлии №12 ба Умарова Зайнаб додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи силсилаи ВА № 00212-и гумшуда, ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-уми марти соли 2016 ба Шарипов Нуралӣ Ҳайбуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи силсилаи ПТ-1 № 256024-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе соли 1991 таҳти қайди 803 ба Джайлолова Хадича Касымовна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи А 02553932-и гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 17-уми октябри соли 2019 ба Хоҷаева Хадича Косимовна додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Орзуи навин» (РМА 040057418, РЯМ 0410035505), ки 4-уми августи соли 2020 дар Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓Муассисаи ягонаи ҶДММ «Ширкати хизматрасонии меҳнатии касбии «Хенгтай Тарор» Ян Синпин (РЯМ 6010006466, РМА 600014267) фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓Кооперативи истеҳсолии «Ҳино» (РЯМ 2010001584), воқеъ дар ноҳияи Фарҳор, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Аҳли кормандони идораи рӯзномаи «Садои мардум» ба хабарнигори рӯзнома Мирзо Рустамзода бинобар вафоти хоҳараш**

**ҲОКИМАМОҲ**

**изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият намуда, аз даргоҳи Худованд барояш сабри ҷамил хоҳонанд.**

**Аҳли кормандони Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба лаборанти пойгоҳи сейсмикии «Истаравшан» Асроров Лоиқ бинобар вафоти**

**ПАДАРАШ**

**изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.**

Садои мардум

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 2 октябри соли 2023, соати 17:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34490 нусха*

Навбатдорони шумора Н. Низомӣ ва Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97